Ф.С. КОМИЛОВ, Д.С. ШАРАПОВ

# 10

# Асосҳои техникаи компютерӣ

Microsoft Word

Microsoft Excel



# Равзанаи Microsoft Word




| ЧЕНАКИ АЛОМАТҲО ВА ФОСИЛАҲОИ БАЙНИСАТРӢ |
|---|
| *1 дюйм = 2.54 см = 25.4 мм* |
| *1 пункт = 1/72 дюйм =25.4 мм/72 0.35 мм* |
| *1 фосила = 6 пункт = 6/72 дюйм = 1/12 дюйм 2.1 мм* |
| *1.5 фосила = 9 пункт =9/72 дюйм =1/8 дюйм 3.1 мм* |
| *2 фосила = 12 пункт =12/72 дюйм =1/6 дюйм 4.2 мм* |

| ВАЗИФАҲОИ ПРОТСЕССОРИ МАТНӢ |
|---|
| дохилкунии матни ҳуҷҷатҳо ба воситаи клавиатура |
| истифодабарии ҳуруфҳои гуногуни андозаашон тағйирёбанда |
| таҳрири матни ҳуҷҷатҳо |
| ислоҳкунии автоматии хатогиҳои орфографӣ ва грамматикӣ |
| қолаббандии матни ҳуҷҷатҳо |
| сохтани ҷадвалу диаграммаҳо ва графику расмҳо |
| истифодаи объектҳои дигар програмаҳои амалӣ |
| сабткунии матни ҳуҷҷатҳо дар хотира |
| нусхабардории матни ҳуҷҷатҳо ва бо дигар ном сабт намудани онҳо |
| чопкунии матни ҳуҷҷатҳо дар коғаз ва ғайра |

| ҚОЛАБҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҚОҒАЗҲОИ ЧОПӢ | | |
|---|---|---|
| Қолаби қоғаз | Андозаи қоғаз бо мм | Андозаи қоғаз бо дюймҳо |
| A0 | 1189 х 841 | $46\frac{1}{4}$ X $33\frac{1}{8}$ |
| A1 | 841x594 | $33\frac{1}{8}$ X $23\frac{3}{8}$ |
| A2 | 594x420 | $23\frac{3}{8}$ X $16\frac{1}{2}$ |
| A3 | 420x297 | $16\frac{1}{2}$ X $11\frac{3}{4}$ |
| A4 | 297x210 | $11\frac{3}{4}$ X $8\frac{1}{4}$ |
| A5 | 210x148 | $8\frac{1}{4}$ X $5\frac{7}{8}$ |
| A6 | 148x105 | $5\frac{7}{8}$ X $4\frac{1}{8}$ |
| A7 | 105x74 | $4\frac{1}{8}$ X $2\frac{7}{8}$ |

Ф.С. КОМИЛОВ, Д.С. ШАРАПОВ

# АСОСҲОИ ТЕХНИКАИ КОМПЮТЕРӢ

Китоби дарсӣ барои хонандагони синфи 10



## MS WORD
## MS EXCEL

Душанбе
Матбуот
2005

ББК -32.973Я72+74.262
С - 65

**Муаллифон: Комилов Файзалй Саъдуллоевич**
**Шарапов Дилшод Саъдуллоевич**

**Мухаррир: Алиев Боймурод**

**Вазорати маорифи чумхурии точикистон ба чоп тавсия намудааст**

**ХОНАНДАИ АЗИЗ!**

Китоб манбаи донишу маърифат аст, аз он бахрабар шавед ва эхтиёт намоед. Кўшиш намоед, ки соли хониши оянда хам ин китоб бо намуди аслиаш дастури додару хохарчахоятон гардад ва ба онхо хам хизмат кунад.

**ИСТИФОДАИ ИҶОРАВИИ КИТОБ**

| № | ному насаби хонанда | синф | соли тахсил | холати китоб (бахри китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | аввали соли хониш | охири соли хониш |
| 1 | | | | | |
| 2 | | | | | |
| 3 | | | | | |
| 4 | | | | | |
| 5 | | | | | |

**Комилов Ф.С., Шарапов Д.С. Асосхои техникаи компютерй. – Душанбе, 2005 – 144 с.**

Китоби дарсй барои хонандагони синфи 10-и мактабхои миёнаи тахсилоти хамагонй

© - Комилов Ф.
© - Шарапов Д. 2005

## САРСУХАН

Хонандагони азиз! Шумо дар китоби дарсии синфҳои 8 ва 9 бо асосҳои информатика ва технологияи коркарди компютерии информатсия шинос шудед. Дар раванди хониш шумо мафҳумҳои марказии ин илми муосир – компютер, информатсия, программа, клавиатура, муш, монитор, блоки системавӣ, микропротсессор, хотира, диск, принтер, файл, папка, нишона, ярлик, мизи корӣ, равзана, меню, панел ва ғайраро аз худ намудед. Шумо дар он китоб ҳамчунин бо заминаҳои пайдоиши компютер ва тарзҳои дар системаҳои оператсионии MS DOS ва MS Windows коркарди информатсияро омӯхтед.

Дар китоби мазкур шумо бо ду программаи хеле машҳур ва пуриқтидор – протсессори матнии MS Word ва ҷадвали электронии MS EXCEL шинос хоҳед шуд. Ин программаҳо дар самти технологияи коркарди информатсия дар қатори дастовардҳои беҳтарини солҳои охир меистанд. Соҳаҳои татбиқи онҳо қариб тамоми фаъолияти инсон ба шумор меравад. Имрӯз дар ҷаҳон корхона, муассиса, таълимгоҳ ё ташкилотеро номбар кардан душвор аст, ки дар фаъолияти худ аз ин программаҳо баҳра намебурда бошад. Ҳар рӯз миллиардҳо одамон аз хизмати ин ду мӯъҷиза баҳравар мешаванд. Ба шумо хонандагони азиз, дар омӯзиш ва истифодабарии протсессори матнии Word ва ҷадвали электронии EXCEL комёбиҳо орзу мекунем!

*Муаллифон*

# ПРОТСЕССОРИ МАТНИИ MICROSOFT WORD

## 1. ВАЗИФАҲОИ ПРОТСЕССОРИ МАТНӢ

Бо боварии том метавон гуфт, ки соҳаи аз ҳама васеъ-тарини татбиқи компютерҳо ин сохтан ва нигоҳдории ҳуҷҷатҳои матнӣ аст. Дар ҳақиқат, қисми зиёдтарини компютерҳои ҷаҳони имрӯза ба офариниши мактубҳо, факсҳо, мақолаҳо, роману достонҳо, бланкаҳо, ҳисоботҳо ва ғайра банданд. Барои тайёр намудани ин гуна ҳуҷҷатҳо програмаҳои махсус хизмат мерасонанд, ки онҳоро ***таҳриргарони матнӣ*** мегӯянд. Дар байни таҳриргарони матнӣ програмаи ***Microsoft Word барои Windows*** (Microsoft Word for Windows), ки онро MS Word ё кӯтоҳтар Word ҳам ном мебаранд, таҳриргари аз ҳама пуриқтидортарин ва машҳуртарин ба ҳисоб меравад. Ин програмаро, ки вазифаҳои беандоза зиёдро иҷро карда метавонад, ***протсессори матнӣ*** ҳам мегӯянд. Протсессори Word ба дастаи програмаҳои ***Microsoft Office*** дохил мешавад.

Бо ёрии ин програма амалиёти зеринро иҷро намудан мумкин аст:

- дохилкунии матни ҳуҷҷатҳо ба воситаи клавиатура
- истифодабарии ҳуруфҳои гуногуни андозаашон тағйирёбанда
- таҳрири матни ҳуҷҷатҳо
- ба таври автоматӣ ислоҳкунии хатогиҳои орфографӣ ва грамматикии дар матни ҳуҷҷатҳо содиркардашуда
- форматкунонии (қолиббандӣ, батартиборӣ) матни ҳуҷҷатҳо
- дар матни ҳуҷҷатҳо истифодабарии ҷадвалҳо, диаграммаҳо ва графику расмҳои гуногун
- ба матни ҳуҷҷатҳо илова намудани объектҳои ба воситаи дигар програмаҳои амалӣ сохташуда
- дар диск сабт намудани матни ҳуҷҷатҳои дохилкардашуда
- нусхабардории матни ҳуҷҷатҳо ва бо дигар ном сабт намудани онҳо
- дар коғаз чоп намудани матни ҳуҷҷатҳо ва ғайра.

Барои ба кор даровардани Word якчанд усулҳо мавҷуд аст:

- ✓ Истифодабарӣ аз Менюи асосии Windows бо пахши яккаратаи муш: **Пуск** (Оғоз – Start)▸**Программы** (Программаҳо – Programs) ▸ **MS OFFICE** ▸ **Microsoft Word**
- ✓ Истифодабарӣ аз папкаи Компютери ман бо пахши дукаратаи муш: **Мой компютер** (Компютери ман – My computer) ▸ **Диск C:** (Диски C: – Drive C:) ▸ **Program Files** ▸ **Microsoft Office** ▸ **Office** ▸ **Winword**
- ✓ Истифодабарӣ аз равзанаи Роҳбалад (Проводник – Windows Explorer): **Пуск**▸**Программы**▸**Проводник** ▸ **Диск C:**▸**Program Files** ▸ **Microsoft Office** ▸ **Office** ▸ **Winword** (Оғоз ▸Программаҳо ▸Роҳбалад ▸Диски C:▸ Program Files ▸ Microsoft Office ▸ Office ▸ Winword)
- ✓ Истифодабарӣ аз равзанаи Мизи корӣ. Агар дар Мизи корӣ папкаи MS Word мавҷуд бошад, он гоҳ бо ёрии пахши дукаратаи муш онро кушода, баъд аз дохили равзанаи он файли иҷрошавандаи **Winword**-ро ба кор даровардан мумкин аст
- ✓ Истифодабарӣ аз файли дилхоҳи ба воситаи MS Word сохташуда.

Агар дар равзанаи фаъол (Мизи корӣ ё папкаи дилхоҳ) ба нишонаи ягон файли ба воситаи Word сохташуда бо ёрии муш таъсири дукарата расонем, он гоҳ дар экран аввал равзанаи программаи MS Word ва баъд дар дохили он равзанаи ҳуҷҷати ин файл кушода мешавад.

Ба ғайр аз усулҳои номбаркардашуда боз усулҳои сершумори дигари кушодани равзанаҳои программаҳои системаи оператсионии Windows, дар ҳолати хусусӣ MS Word, вуҷуд доранд. Масалан, командаи **Пуск▸ Документы▸...** (Оғоз▸Ҳуҷҷатҳо▸...) имконият медиҳад, ки равзанаи яке аз 15 ҳуҷҷати охирини коркардашуда кушода шавад. Интихоби ин ё он усули кушодани равзанаи MS Word аз одат ва характери истифодабарандаи компютер вобаста аст. Ба истифодабаранда кадом усуле, ки осонтар ё қулайтар намояд, аз ҳамон метавонад истифода барад.

Барои корро бо Word ба охир расонидан, кифоя аст, ки дар **Сатри сарлавҳаи** программа тугмаи ✖ пахш карда шавад. Корро бо программаи Word ҳамчунин бо истифодабарии командаи зерини программа . **Файл▸Выход** (Файл▸Хориҷшавӣ – File▸Exit) ё пахши якҷояи тугмаҳои Alt F4 -и клавиатура анҷом додан мумкин аст. Агар шумо пешакӣ тағйиротҳои охирини файли таҳрирнамудаи ҳуҷҷатро дар диск сабт накарда бошед, он гоҳ программаи Word ба воситаи равзанаи диалогии махсус шуморо дар ин хусус огоҳ месозад. Барои сабткунӣ шумо бояд тугмаи командавии **Да** (Ҳа – Yes), барои сабт накардани ҳуҷҷат тугмаи **Нет** (Не – No) ва барои аз программаи Word хориҷ



нашудан бошад, тугмаи **Отмена** (Бекоркунӣ Cancel)-ро пахш намоед.

### Саволҳо:

1. Фарқи протсессори матнӣ аз таҳриргари матнӣ чист?
2. Кадом таҳриргарони матнӣ ва протсессорҳои матниро медонед?
3. Протсессори матнии Word-ро чӣ гуна ба кор даровардан мумкин аст?
4. Тарзҳои анҷомдиҳии кори Word кадомҳоянд?
5. Ба воситаи Word кадом амалиёти асосиро иҷро намудан мумкин аст?

### Супориш:

1. Матни мавзӯъро бодиққат хонед ва бартариҳои протсессори матнии Word-ро нисбат ба таҳриргарони матнии **Блокнот ва WordPad** номбар кунед.
2. Бо якчанд усулҳо протсессори Word-ро ба кор даророед. Кадоме аз онҳо барои шумо қулайтар аст?
3. Бо ягон тарз равзанаи программаи Word-ро пӯшед ва онро аз нав кушода такроран бо дигар тарз аз нав пӯшед.

## 2. Мафҳумҳои асосии MS Word

Барои бо программаи Microsoft Word кор карда тавонистан, аз истифодабарандагони компютерҳои фардӣ талаб карда мешавад, ки онҳо пешакӣ бо мафҳумҳои зерин шинос бошанд:

- параметрҳои саҳифаи чопӣ
- абзатс ва характеристикаҳои он
- ҳуруфҳо ва характеристикаҳои онҳо
- қолиббандии символҳо ва абзатсҳо.



Расми 1. Параметрҳои саҳифа

***Саҳифаи чопӣ ва характеристикаҳои он.*** Саҳифаи чопии компютерӣ аналоги вараҳи когазе мебошад, ки дар он матни ҳуҷҷатҳо чоп карда мешаванд. Саҳифаи чопӣ дорои параметрҳои зерин мебошад (Расми 1):

- андозаи саҳифа
- ҳошияи чапи саҳифа
- ҳошияи рости саҳифа
- ҳошияи болоии саҳифа
- ҳошияи поёнии саҳифа.

Андозаи саҳифаи чопиро бар ва баландии когаз муайян менамоянд. Бинобар он андозаи саҳифаи чопиро дар намуди **барХбаландӣ** ишорат менамоянд.

Барои нашр кардани китобу рӯзномаҳо, маҷаллаҳо ва гайра когазҳои андозаашон гуногун истифода бурда меша-

ванд. Стандарти қабулшудаи қолиб (формат) ва андозаи коғазҳои чопӣ чунин аст:

| Қолиби коғаз | Андозаи коғаз бо мм | Андозаи коғаз бо дюймҳо |
|---|---|---|
| A0 | 1189 x 841 | $46\frac{1}{4} \times 33\frac{1}{8}$ |
| A1 | 841x594 | $33\frac{1}{8} \times 23\frac{3}{8}$ |
| A2 | 594x420 | $23\frac{3}{8} \times 16\frac{1}{2}$ |
| A3 | 420x297 | $16\frac{1}{2} \times 11\frac{3}{4}$ |
| A4 | 297x210 | $11\frac{3}{4} \times 8\frac{1}{4}$ |
| A5 | 210x148 | $8\frac{1}{4} \times 5\frac{7}{8}$ |
| A6 | 148x105 | $5\frac{7}{8} \times 4\frac{1}{8}$ |
| A7 | 105x74 | $4\frac{1}{8} \times 2\frac{7}{8}$ |

Хотиррасон менамоем, ки *10 мм = 1 см* ва *1 дюйм = 2,54 см = 25,4 мм* мебошад. Ҳошияҳои чап ва рост, болоӣ ва поёнии саҳифаи чопӣ он қисмҳои коғазро ташкил менамоянд, ки дар онҳо матн чоп карда намешавад. Одатан андозаи ҳошияҳо бо мм ё см чен карда мешаванд.

***Абзатс ва характеристикаҳои он.*** Матни ҳуҷҷати чопшаванда аз маҷмӯи абзатсҳо иборат аст. Барои ороиш додани матни ҳуҷҷат бештар бо абзатсҳои он кор карда тавонистан лозим аст. Таърифи классикӣ ва маъмули абзатсро чунин маънидод кардан мумкин аст: *абзатс гуфта як ё якчанд сатрҳои ба ҳам алоқаманди матнро номидан мумкин аст, агар онҳо як фикри томро ифода намоянд.* Дар Word бошад, *ҳар гуна сатреро, ки пас аз дохилкунии он тугмаи* Enter *пахш карда мешавад, абзатс мегӯянд.*




Расми 2. Абзатс ва характеристикаҳои он

Агар пас аз як символ ҳам тугмаи Enter пахш карда шавад, онро низ абзатс гӯянд. Пай дар пай якчанд маротиба пахшкунии тугмаи Enter якчанд абзатсро ифода менамояд. Дар ин маврид якчанд сатрҳои холӣ партофта мешаванд.

Ба сатрҳо тақсим намудани матни дохилкардашударо протсессор ба ӯҳдаи худ мегирад. Маънои матни ҳуҷҷат барои MS Word ягон аҳамияте надорад.

Одатан аз тарафи чапи сатри якуми абзатс якчанд мавқеи холӣ партофта мешавад. Ҷои холиеро, ки пеш аз сар шудани матни сатр партофта мешавад, *фосилаи абзатс* мегӯянд. Абзатс ба ғайр аз фосила боз характеристикаҳои зеринро доро аст (Расми 2):

- сарҳади чапи абзатс
- сарҳади рости абзатс
- фосилаи байни сатрҳои абзатс.

Мавқеи коғаз, ки аз он сар карда сатрҳои абзатс (ба ғайр аз сатри якуми он) ҷойгир карда мешаванд, сарҳади чапи абзатсро ташкил менамояд. Мавқеи коғаз, ки дар он сатрҳои абзатс ба итмом мерасанд, сарҳади рости абзатсро ташкил менамояд. Фосилаи байни ду сатри ҳамсояи абзатсро бо ёрии пунктҳо муайян мекунанд.

$$1\ пункт = \frac{1}{72}\ дюйм = \frac{25.4мм}{72} \approx 0.35\ мм$$

Дар чопи ҳуҷҷатҳои матбаагӣ барои муайян намудани фосилаи байни сатрҳои абзатс мафҳумҳои як фосила, якуним фосила ва ду фосила истифода бурда мешаванд:

$$1\ \ фосила = 6\ пункт = \frac{6}{72}\ дюйм = \frac{1}{12}\ дюйм \approx 2.1\ мм$$

$$1.5\ фосила = 9\ пункт = \frac{9}{72}\ дюйм = \frac{1}{8}\ дюйм \approx 3.1\ мм$$

$$2\ \ фосила = 12\ пункт = \frac{12}{72}\ дюйм = \frac{1}{6}\ дюйм \approx 4.2\ мм$$

Чуноне ки аз расми 2 дида мешавад, абзатс дар байни сарҳадҳои чап ва рости саҳифаи чопӣ ҷойгир карда шудааст. Дар ҳолати хусусӣ, сарҳади чапи абзатс бо хате, ки ҳошияи чапи саҳифаро ҷудо менамояд, ҳамҷоя шуда метавонад. Сарҳади рости абзатс бошад, метавонад бо хате, ки ҳошияи рости саҳифаро ҷудо намояд, ҳамҷоя шавад. Дар чунин мавридҳо мегӯянд, ки абзатс дар байни ҳошияҳои чап ва рости саҳифаи чопӣ ҷойгир шудааст.

***Ҳуруфҳо ва характеристикаҳои онҳо.*** Microsoft Word имконият медиҳад, ки матни ҳуҷҷатҳо бо ҳуруфҳои (шрифт - font) гуногуни андозаашон тағйирёбанда тайёр карда шаванд. Масалан, Times New Roman Cyr, PragmaticaC, Arial, Arial Cyr, Arbat, AcademyC ва ғайра. **Ҳуруф – ин тарзи навишти ҳарфҳои алифбои забонҳои гуногӯн мебошад.** Дар варианти русии Microsoft Windows ҳуруфҳое истифода бурда мешаванд, ки онҳо асосан барои алифбоҳои лотинӣ ва русӣ пешбинӣ карда шудаанд. Ҳуруфҳои мавҷуда бевосита алифбои тоҷикиро дарбар намегиранд. Вале, ҳоло ҳуруфҳои махсусе сохта шудаанд, ки онҳо имконияти бо алифбои тоҷикӣ кор карданро муҳайё намудаанд. Масалан, бо ёрии ҳуруфҳои Arial Tj, Courier New Tj, Times New Roman Tj ҳам бо алифбои тоҷикӣ, ҳам русӣ ва ҳам лотинӣ имконияти кор кардан вуҷуд дорад.

Дар навбати худ ҳар як ҳуруф метавонад дар якчанд намуд зоҳир шавад. **Маҷмӯи намудҳои зоҳиршавии ҳу-**

**руфҳоро гарнитури ҳуруфҳо меноманд.** Ҳар як гарнитур метавонад то чор намуди зоҳиршавии ҳуруфҳоро дарбар гирад:

1. намуди Муқаррарӣ (Нормальный – Normal)

**2. намуди Ғафс (Жирный – Bold)**

*3. намуди Курсив ё Моил (Курсивный – Italic)*

4. <u>намуди Зераш хат кашидашуда (Подчеркнутый – Underline).</u>

Яке аз характеристикаҳои асосии ҳуруфҳо баландии онҳо ба шумор меравад. Баландии ҳуруф бо баландии ҳарфҳои хурди он муайян карда шуда, **кегл** номида мешавад. Кегл ба мисли фосилаи байни сатрҳои абзатс бо пунктҳо чен карда мешавад. Дар нашрияҳо ҳуруфҳое истифода бурда мешаванд, ки баландии онҳо ба 8, 10, 12, 14 пункт баробар мебошанд. Баландии ҳуруфҳои мошинҳои чопкунии механикӣ ва барқӣ 10 ё 12 пунктро ташкил медиҳанд. Онҳоро тағйир додан имконнопазир аст. Вале, тавре ки қайд намудем, дар компютерҳои ҳозиразамон ҳуруфҳое истифода бурда мешаванд, ки баландии онҳоро тағйир додан мумкин аст. Ин намуди ҳуруфҳоро ҳуруфҳои масштабашон тағйирёбанда (Ҳуруфҳои намуди True Type) мегӯянд.

***Қолиббандии символҳо ва абзатсҳо.*** Қолиббандӣ ё форматкунонии матн гуфта, тағйирдиҳии намуди зоҳирии матнро меноманд. Дар вакти қолиббандӣ мазмуни матн бетағйир мемонад. Масалан, калимаи «Тоҷик»-ро бо чанд намуд қолиббандӣ кардан мумкин аст: **ТОҶИК**, ***Тоҷик***, <u>Тоҷик</u>, ***Тоҷик*** ва ғайра. Тавре ки мебинем, ҳарфҳои калима иваз нашуданд, танҳо тарзи навишти онҳо ҳар даъфа ҳар хел шудааст.

Дар Word ду намуди қолиббандӣ вуҷуд дорад: қолиббандии символи алоҳида ва қолиббандии абзатсҳо. Агар ба қолиббандии символҳо – интихоби ҳуруф, андозаи символ ва тарзи зоҳиршавии ҳуруф дахл дошта бошанд, он гоҳ ба қолиббандии абзатсҳо – муайянкунии фосилаи байни

абзатсҳои ҳамсоя ва канорҳои вараҷи коғаз, муайянкунии фосилаи сатрҳои якуми абзатсҳо, интихоби тарзи ҷойгиркунии матн дар коғаз (чап, рост ё марказ) ва ғайра дохил мешаванд. Дар навбати худ қолиббандии абзатсҳо метавонад қолиббандии символҳоро дарбар гирад. Маҳз пас аз қолиббандии матн ҳуҷҷатҳо намуди зебои ороишдодашударо мегиранд.

Тамоми кореро, ки ҳангоми сохтани ҳуҷҷатҳо иҷро намудан лозим меояд, шартан ба якчанд марҳалаҳо тақсим намудан мумкин аст. Аввал матни ҳуҷҷат бо ёрии клавиатура дохил ва таҳрир карда мешавад. Дар натиҷа ҳуҷҷат дар шакли хом (захиракардашуда) ҳосил мешавад, ки он ҳамаи калимаву ҷумлаҳои матнро дарбар мегирад. Баъди дохилкунӣ ва таҳриркунӣ матни ҳуҷҷат қолиббандӣ карда мешавад. Барои он ки ҳар як фрагменти матн ба таври ба худ хос қолиббандӣ карда шавад, бояд он пеш аз иҷрои амалиёти зарурӣ ҷудо карда шавад. Бинобар ин фалсафаи протсессори матнии Word-ро чунин изҳор кардан мумкин аст: «Аввал фрагменти матнро ҷудо намо ва баъд командаро татбиқ кун!».

### Саволҳо:

1. Мафҳумҳои асосии программаи Word кадомҳоянд?
2. Саҳифаи чопии компютерӣ гуфта чиро мефаҳмед? Кадом характеристикаҳои саҳифаи чопиро номбар карда метавонед?
3. Абзатс чист? Фосила ва характеристикаҳои абзатс чӣ?
4. Ҳангоми чопи ҳуҷҷатҳо аз кадом фосилаҳои байни сатрӣ истифода мебаранд?
5. Ҳуруф гуфта чиро мефаҳмед? Кадом ҳуруфҳои Word-ро номбар карда метавонед?
6. Гарнитури ҳуруф чист? Баландии символҳои ҳуруфро бо чӣ чен мекунанд?
7. Мафҳуми қолиббандиро чи тавр мефаҳмед?
8. Оё қолиббандии символҳо аз қолиббандии абзатсҳо ягон фарқи ҷиддие дорад?

### Супориш:

1. Матни мавзӯъро бодиққат хонед ва онро нақл кунед.
2. Дар дафтаратон стандарти қабулшудаи формат ва андозаи коғазҳои чопиро дар шакли ҷадвал нависед.

3. Аз информатсияи дар мавзӯъ овардашуда истифода бурда, вобастагии байни воҳидҳои ченаки (пункт, дюйм, см, мм) фосилаи байни сатрҳои матни ҳуҷҷатро муайян намоед.
4. Ҳисоб кунед: 24 пункт ба чанд мм, дюйм ва фосила баробар аст. Ҳамин гуна ҳисобкуниро барои 36, 48, 72 ва 100 пункт низ гузаронед.
5. Программаи Word-ро ба кор дароварда дар майдони кории равзанаи ягон файли ҳуҷҷати тайёри он параметрҳои саҳифаи чопӣ (андоза ва ҳошияҳои саҳифа), миқдори абзатҳо ва фосилаҳои байни сатрҳои онҳоро муайян намоед.

## 3. Равзанаи MS Word

Бо яке аз усулҳои дар мавзӯи якум овардашуда программаи MS Word-ро ба кор медарорем. Оғози кори Word – дар экран пайдошавии равзанаи он аст (Расми 3). Шояд дар экрани монитори шумо баъзе элементҳои равзанаи дар ин расм овардашуда дида нашаванд. Шояд намуди равзанаи экрани шумо камс дигар бошад. Агар шумо функсияи баъзе командаҳои менюи Word ё асбобҳои онро донед, он гоҳ дар вақти дилхоҳ намуди зоҳирии равзанаи экранатонро ба намуди равзанаи дар расм овардашуда мувофиқ карда метавонед. Ҳоло бо ном ва вазифаҳои элементҳои равзанаи протсессори матнии Word шинос мешавем.

Тавре ки аз расм дида мешавад, равзанаи Word аз элементҳои асосии зерин иборат аст: Сарлавҳаи равзана, Сатри менюи Word, Панели асбобҳои стандартӣ (Стандартная – Standart), Панели асбобҳои қолиббандӣ (Форматирование – Formatting), Хаткашҳои идоракунӣ (Линейка – Ruler), Майдони корӣ, Тасмаҳои тобдиҳӣ ва Сатри вазъи равзана.

Вазифаи сарлавҳаи Word ва сатри менюи он қариб мисли вазифаҳои дигар программаҳои системаи оператсионии MS Windows мебошад. Дар сатри сарлавҳа ба ғайр аз номи программа, яъне Microsoft Word, боз номи ҳуҷҷати таҳриршаванда низ нишон дода мешавад. Дар қисми рости сарлавҳа бошад, тугмаҳои  ҷойгир мешаванд.

Пас аз сатри сарлавҳа сатри менюи программа меояд. Дар поёни сатри меню панелҳои асбобҳои протсессори матнӣ ҷойгиранд. Тугмаҳои ин панелҳоро асбобҳо мегӯянд. Асбобҳо барои тезтар иҷро намудани командаҳо пешбинӣ карда шудаанд. Командаҳо дар шакли пурра асосан дар бандҳои меню нишон дода мешаванд. Маҳз командаҳои зуд-зуд истифодашаванда дар панелҳо дар шакли асбобҳо такрор меёбанд. Гарчанде дар равзанаи дар расм оварда-




Расми 3. Равзанаи программаи Microsoft Word

шуда танҳо чор панел (дуто пас аз сатри меню ва дуто пеш аз сатри вазъ) намудор бошанд ҳам, вале онҳо дар асл хеле бисёранд. Панелҳо, хаткашҳо ва дигар элементҳои равзанаро новобаста аз ҳамдигар аз экран соқит ё ба он илова кардан мумкин аст. Баъзе панелҳо танҳо ҳангоми зарурат ба равзана чег зада мешаванд. Агар ҳангоми дохилкунии матн ба мо майдони кории васеътар зарур бошад, он гоҳ панелҳои дар айни ҳол нолозимро метавонем аз экран соқит намоем.

Дар мобайни равзана тасвири варақи коғаз намудор аст. Ин майдони кории Word аст. Дохилкунӣ ва таҳриркунии матни ҳуҷҷатҳо маҳз дар майдони корӣ амалӣ гардонида мешавад.

Дар қисми болой ва тарафи чапи майдони корӣ хаткашҳои идоракунӣ ҷойгир шудаанд, ки функсияи онҳо аз нишон додани андозаи ҳақиқии матни ҳуҷҷат (дар варақи коғаз) иборат мебошад. Рақамҳои хаткашҳо миқдори сантиметрҳои андозаи ҳуҷҷатро нишон медиҳанд. Барои аз экран соқит ё дар он пайдо намудани хаткашҳо командаи менюи программа **Вид▸Линейка** (Намуд▸Хаткаш – View▸Ruler) хизмат мекунад.

Барои дидани он қисми матни ҳуҷҷат, ки дар айни ҳол дар экран намудор нест, тасмаҳои тобдиҳӣ хизмат мерасонанд. Тасмаҳои тобдиҳӣ ба тасмаҳои вертикалӣ ва горизонталӣ тақсим мешаванд. Ин тасмаҳоро қариб дар ҳама равзанаҳои Windows дидан мумкин аст.

Сатри вазъи программа барои нишон додани вазъияти кунунии протсессори матнӣ пешбинӣ карда шудааст. Дар он рақами саҳифаи ҷории ҳуҷҷат, миқдори умумии саҳифаҳои ҳуҷҷат, рақами сатр ва сутунс, ки дар буриши онҳо курсори матнӣ қарор дорад ва дигар информатсияи ҷолиби речаи ҷории кори протсессор ба қайд гирифта мешаванд.

***Менюи Word.*** Ба воситаи менюи программа командаи дилхоҳи таҳриргарии Word-ро иҷро кардан мумкин аст. Ме-

нюи MS Word аз бандҳои Файл (Файл – File), Правка (Таҳрир – Edit), Вид (Намуд – View), Вставка (Гузоштан – Insert), Формат (Формат – Format), Сервис (Сервис – Tools), Таблица (Ҷадвал – Table), Окно (Равзана – Window), Справка (Маълумот – Help) иборат аст.

Ду тарзи интихобкунии бандҳои меню мавҷуд аст:

*а) Интихоби банди меню бо ёрии нишондиҳандаи муш.* Нишондиҳандаи мушро ба банди лозимии меню мегузорем ва тугмаи чапи мушро пахш карда зуд сар медиҳем. Масалан, барои интихоби банди Файл, аввал нишондиҳандаи мушро ба калимаи **Файл** мегузорем ва пас аз он тугмаи чапи мушро пахш намуда сар медиҳем.

*б) Интихоби банди меню бо ёрии тугмаҳои клавиатура.* Агар бодиққат ба номи бандҳои менюи программаи Word нигарем, он гоҳ ба осонӣ пай мебарем, ки дар зери баъзе ҳарфҳои алоҳидаи номи онҳо хат кашида шудааст. Масалан, дар банди **Файл** дар зери ҳарфи **Ф**, дар банди **Правка** дар зери ҳарфи **П**, дар банди **Вид** дар зери ҳарфи **В**, дар банди **Вставка** дар зери ҳарфи **а**, дар банди **Формат** дар зери ҳарфи **м**, дар банди **Сервис** дар зери ҳарфи **е**, дар банди **Таблица** дар зери ҳарфи **Т**, дар банди **Окно** дар зери ҳарфи **О** ва дар банди **Справка** дар зери ҳарфи **С** хат кашида шудааст. Барои интихоб намудани ягон банди меню зарур аст, ки тугмаи Alt -ро бо тугмаи ҳарфи дар зераш хат кашидашуда якҷоя пахш намоем, яъне

**Alt+Ф** – интихоби банди **Файл**
**Alt+П** – интихоби банди **Правка**
**Alt+В** – интихоби банди **Вид**
**Alt+а** – интихоби банди **Вставка**
**Alt+м** – интихоби банди **Формат**
**Alt+е** – интихоби банди **Сервис**
**Alt+Т** – интихоби банди **Таблица**
**Alt+О** – интихоби банди **Окно**
**Alt+С** – интихоби банди **Справка.**

Дар мавриди интихоб намудани ин ё он банди меню дар экран ба тарзи иловагӣ рӯйхати командаҳои банди интихобгардида пайдо мегардад, ки онро *зерменюи банди ҷории меню* меноманд. Командаҳо ва зербандҳои зерменюро ҳам ба мисли бандҳои менюи программа интихоб мекунанд.

### *Панели асбобҳои стандартӣ (Стандартная - Standard)*





- кушодани ҳуҷҷати нав
- кушодани ҳуҷҷатҳои мавҷудаи диск
- сабткунии ҳуҷҷат дар диск
- ба чоп баровардани ҳуҷҷат
- азназаргузаронии пеш аз чопи ҳуҷҷат
- ҷорӣ намудани реҷаи тафтишоти имлои забон
- буридани фрагменти ҷудокардашудаи матн ва ба буфер равон кардани он
- нусхабардории фрагменти ҷудокардашудаи матн ва ба буфер равон кардани он
- ба мавқеъи қайдшудаи матн гузоштани информатсияи дар буфер маҳфузбуда
- нусхабардорӣ намудани услуби абзатс
- бекор намудани амалиёти пешакӣ иҷрокардашуда
- барқарор намудани амалиёти бекоркардашуда
- мурочиаткунӣ ба Web-саҳифаҳо
- фаъол гардонидани Панели асбобҳои **Таблицы и границы** (Ҷадвал ва сарҳадҳои он)
- ба матни ҳуҷҷат илова намудани ҷадвал
- ба матни ҳуҷҷат илова намудани ҷадвали Excel
- ба сутунҳо ҷудо намудани матни ҳуҷҷат
- фаъол гардонидани Панели **Рисование** (Расмкашӣ)
- нишон додани сохтори ҳуҷҷат

– майдончаи каму зиёдкунии масштаби тасвири ҳуҷҷат дар экран

– тугмаи маълумотдиҳандаи программа

– дар экран инъикос намудани символҳои дар саҳифаи чопӣ диданашаванда

– фаъол гардонидани таҳриргари формулаҳо

– фаъол гардонидани равзанаи робитавии **Символ** (Ҳамроҳкунии символҳо)

– рӯйхати фаъол ва ғайрифаъолгардонии тугмаҳои панел

***Панели асбобҳои қолабандӣ (Форматирование - Formatting)***



– майдончаи тағйирдиҳии услуби навишти абзатсҳо

– майдончаи ивазкунии намудани ҳуруфҳо

– майдончаи ивазкунии андозаи ҳуруф

– интихоби шакли ғафси ҳуруф

– интихоби шакли курсиви ҳуруф

– интихоби шакли дар зераш хаткашидашудаи ҳуруф

– баробаркунии сатрҳои матни ҳуҷҷат аз тарафи чапи майдони корӣ

– ҷойгиркунии матни ҳуҷҷат нисбат ба маркази сатрҳои майдони корӣ

– баробаркунии сатрҳои матни ҳуҷҷат аз тарафи рости майдони корӣ

– мунтазам ҷойгиркунии матни ҳуҷҷат дар сатрҳои майдони корӣ

– ба таври автоматӣ рақамгузорӣ намудани абзатсҳои ҳуҷҷат

– ба таври автоматӣ нишонагузорӣ намудани абзатсҳои ҳуҷҷат

 - камкунии фосила аз тарафи чапи абзатс

 - зиёдкунии фосила аз тарафи чапи абзатс

 - ба фрагменти ҷудокардашуда бахшидани хатҳои ҳудудӣ

 - ивазкунии ранги заминаи фрагменти ҷудокардашуда

 - ивазкунии ранги ҳуруфи фрагменти ҷудокардашуда

 - интихоби як фосила дар байни сатрҳои фрагменти ҷудокардашуда

 - интихоби якуним фосила дар байни сатрҳои фрагменти ҷудокардашуда

 - интихоби ду фосила дар байни сатрҳои фрагменти ҷудокардашуда

 - ба индекси болоӣ табдил додани фрагменти ҷудокардашуда

 - ба индекси поёнӣ табдил додани фрагменти ҷудокардашуда

 - рӯйхати фаъол ва ғайрифаъолгардонии тугмаҳои панел

## Саволҳо:

1. Элементҳои асосии равзанаи программаи Word кадомҳоянд?
2. Вазифаҳои сатри Сарлавҳаи равзанаи Word аз чӣ иборатанд?
3. Одатан дар равзанаи Word чанд панели асбобҳо ҷойгир карда мешавад? Оё миқдори панелҳои равзана доимиянд?
4. Бо ёрии кадом командаҳо хаткашҳои идоракунии горизонталӣ ва вертикалии равзанаро фаъол ва ғайрифаъол гардонидан мумкин аст?
5. Менюи программаи Word аз кадом бандҳо иборат аст?
6. Тасмаҳои тобдиҳии равзана аз кадом элементҳо иборатанд ва функсияи ин тасмаҳо дар чист?
7. Бандҳои менюи программаро бо кадом тарзҳо интихоб намудан мумкин аст?

## Супориш:

1. Матни мавзӯъро бодиққат хонед ва шакли равзанаи Word-ро дар дафтаратон кашед.
2. Равзанаи Word-ро кушоед ва элементҳои онро номбар кунед.
3. Бандҳои менюи программаро бо навбат фаъол гардонед ва зербандҳою командаҳои дар онҳо овардашударо аз назар гузаронед.
4. Нишондиҳандаи мушро ба болои ҳар як тугмаи панелҳои асбобҳои

стандартӣ ва қолиббандии равзана гузоред ва таъиноти онҳоро номбар кунед.
5. Бо ёрии тасмаҳои тобдиҳии горизонталӣ ва вертикалӣ матни ҳуҷҷатро ба болою поён ва чапу рости майдони корӣ тоб диҳед.
6. Элементҳои Сатри вазъи равзанаро дар экран шарҳ диҳед.

## 4. Танзимкунии таҳриргари Word

Имкониятҳои протсессори матнии Word хеле зиёданд. Одатан ҳар як истифодабарандаи компютер, вобаста аз вазифаҳои дар наздаш гузошташуда, таҳриргари Word-ро ба таври ба худ хос танзим (мутобиқ, ҷӯр) менамояд. *Танзимкунии Word гуфта фаъол гардонидани баъзе имкониятҳои он ва қатъ гардонидани фаъолияти имкониятҳои дигари онро меноманд.* Word бояд мувофиқи талаботҳои масъалаҳои ҳалшаванда, шароити корӣ ва имкониятҳои техникии дар ихтиёрдошта танзим карда шавад. Масалан, агар ҳангоми матнро дохил, таҳрир ва қолиббандӣ кардан як гурӯҳ панели асбобҳо ва речаҳои корӣ зарур бошанд, он гоҳ ҳангоми ба матн ҳамроҳ намудани объектҳои беруна ё ба чоп омода сохтани ҳуҷҷат тамоман дигар панелу речаҳо заруранд.

Амалан ҳамаи параметрҳои кории Word-ро бо ёрии командаи менюи система **Сервис▸Параметры** (Сервис▸Параметрҳо – Tools▸ Options) ба танзим овардан мумкин аст. Лекин пеш аз он ки ин командаро иҷро намоем, бояд боварӣ дошта бошем, ки речаи кории программа речаи азназаргузаронии **Саҳифаченкунӣ** (Разметка страниц – Page Layout) мебошад. Зарурати фаъол будани речаи Саҳифаченкунӣ дар он аст, ки маҳз дар ҳамин реча дар экран имконияти тасвири аниқи вараҷи коғаз ва инъикоси хаткаши вертикалиро дидан фароҳам оварда мешавад. Агар ин реча фаъол набошад, он гоҳ тугмаи ▤ - **Саҳифаченкунӣ** (Разметка страниц – Page Layout)-ро, ки он дар кунҷи чапи тасмаи тобдиҳии горизонталӣ ҷойгир шудааст, пахш намудан зарур аст. Агар ин реча пешакӣ фаъол бошад, он гоҳ ба дохилкунии командаи болоӣ шурӯъ кардан лозим аст. Пас аз дохилкунии команда дар экран рав-

занаи робитавии **Параметры** (Параметрҳо Options) пайдо мешавад (Расми 4).

Барои интихобкунии элементҳои идоракунии Word тугмаи қабатии **Вид** (Намуд - View)-и равзанаро пахш менамоем. Баъд баъзе элементҳои идоракунии гурӯҳи майдончаи **Показывать** (Намоиш додан – Show)-ро фаъол мегардонем, яъне дар квадратчаҳои назди онҳо байрақча мегузорем. Ба элементҳои ин гурӯҳ **Строка состояния** (Сатри вазъ – Status bar), **Горизонтальная полоса прокрутки** (Тасмаи тобдиҳии горизонталӣ – Horizontal scrool bar), **Вертикальная полоса прокрутки** (Тасмаи тобдиҳии вертикалӣ Vertical scrool bar), **Всплывающие подсказки** (Шарҳдиҳакҳои зуд пайдо ва нестшаванда – Show tool tips) ва гайра дохил мешаванд. Элементи **Всплывающие подсказки** барои фаъол ва гайри фаъол гардонидани шарҳдиҳии мазмуни кори элементҳои дигари экран хизмат мерасонад. Агар ҳангоми фаъол будани ин элемент ни-




Расми 4. Равзанаи робитавии Параметрҳо

шондихандаи мушро ба болои ягон элементи дилхоҳи дигари экран гузорем, он гоҳ пас аз лаҳзае дар поёни ин элемент вазифаҳои он дар шакли кӯтоҳ шарҳу эзоҳ дода мешавад. Ин информатсия пас аз муддати начандон зиёди вақт боз аз экран ғайб мезанад.

Бо ёрии гурӯҳи элементҳои майдончаи **Знаки форматирования** (Аломатҳои қолиббандӣ) символҳои ҳангоми чоп диданашавандаи ҳуҷҷатро (Непечатаемые символы - Nonprinting Characters) фаъол ва ғайрифаъол гардонидан мумкин аст. Ба ин символхо нишонаҳои табулятсия, абзатс, матнҳои махфӣ, пробелхо ва ғайра дохил мешаванд.

Айнан ҳамин тавр, дар гурӯҳҳои элементҳои майдончаҳои **Параметры режима разметки и Web-документа** (Параметрҳои речаи саҳифаченкунӣ ва Web-ҳуҷҷат) ва **Параметры обычного режима и режима структуры** (Параметрҳои речаҳои муқаррарӣ ва сохторӣ) элементҳои **Рисунки** (Расмҳо - Pictures), **Вертикальная линейка** (Хаткаши вертикалӣ Vertical ruler) ва ғайраро фаъол ва ғайрифаъол гардонидан мумкин аст.

Акнун барои интихоб намудани элементҳои дигари идоракунӣ тугмаи қабатии **Общие** (Умумӣ - General)-и равзанаи Параметрҳоро пахш менамоем. Равзана намуди дар расми 5 овардашударо мегирад. Дар гурӯҳи элементҳои майдончаи **Общие параметры настройки** (Параметрҳои умумии танзимкунӣ) элементи **Помнить список из ___ файлов** (Рӯйхати __ файл дар хотир нигоҳ дошта шавад)-ро фаъол мегардонем. Ин элемент миқдори файлҳои дар хотир нигоҳдошташавандаи банди **Файл**-и менюи Word-ро муайян месозад, ки он аз 1 то 9 файл шуда метавонад. Аз рӯйхати майдончаи **Единицы измерения** (Воҳидҳои ченакҳо - Measurement Units) бошад, сатри **Сантиметры** (Сантиметрҳо - Centimeters)-ро интихоб менамоем. Ин имконият медиҳад, ки ба сифати андозаи ченаки Хаткаши горизонталӣ ва равзанаҳои робитавӣ сантиметрҳо қабул карда шаванд. Ба ғайр аз сантиметрҳо воҳидҳои дигари




Расми 5. Элементҳои равзанаи робитавии Параметрҳо ҳангоми пахшкунии тугмаи қабатии Умумӣ

ченакуниҳо ба мисли дюйм, миллиметр, пункт ва ғайраро истифода бурдан мумкин аст.

Барои дар амал татбиқ намудани амалиёти иҷронамудаамон тугмаи Ok -ро пахш менамоем. Равзанаи Параметрҳо пӯшида мешавад.

Панелҳои асбобҳо бо ёрии командаи менюи система **Вид▸Панели инструментов** (Намуд▸Панели асбобҳо – View▸Toolbars) ба танзим оварда мешавад. Пас аз иҷрокунии ин команда дар экран рӯйхати панелҳои асбобҳои Word (Панели инструментов - Toolbars) пайдо мешавад (Расми 6). Аз рӯйхати панелхо панелҳои асбобҳои **Стандартная** (Стандартӣ – Standard) ва **Форматирование** (Қолиббандӣ – Formating)-ро фаъол ва дигар панелҳоро ғайрифаъол мегардонем. Дар экран мавҷуд будани миқдори зиёди панелҳо баъзан корро бо таҳриргар душвортар ва майдони дохилкунии матни ҳуҷҷатро тангтар мегардонад.

Истифодабаранда мувофиқи хоҳиши худ метавонад аз командаи **Сервис▸ Настройка ...** (Сервис ▸ Танзим...) истифода бурда рӯйхати панелҳои Word-ро бо панелҳои асбобҳои нав пурра созад ва панелҳои нолозими ғайрисистемави-ро нест намояд.



Расми 6. Рӯйхати панелҳои асбобҳои Word

☛ **ЭЗОҲ:**

*Дар хотир бояд дошт, ки ҳангоми танзимкунии протсессори матнии Word надониста гузаронидани ҳар гуна амалиёт метавонад ба нодуруст иҷрошавии аксарият командаҳо оварда расонад. Бинобар ҳамин ҳангоми танзимкунии Word эҳтиёткор бошед!*

☹ **Саволҳо:**

1. Дар зери мафҳуми танзимкунии Word гузаронидани кадом амалиёт дар назар дошта шудааст?
2. Бо ёрии кадом командаи менюи программа параметрҳои асосии протсессори Word-ро ба танзим овардан мумкин аст?
3. Элементҳои идоракунии Word-ро чи тавр ба танзим мераванд?
4. Тугмаи қабатии **Общие**-и равзанаи **Параметы** барои ба танзимории кадом хусусиятҳои Word хизмат мерасонад?
5. Чӣ тавр аз як реҷаи кори равзана ба дигар реҷаи он гузаштан мумкин аст?
6. Роҳҳои ба танзимории панелҳои асбобҳои протсессори Word кадомҳоянд?

⌛ **Супориш:**

1. Матни мавзӯъро бодиққат хонед ва онро нақл кунед.
2. Равзанаи робитавии **Параметры**-ро кушоед ва аз тугмаҳои қабатии он бо навбат истифода бурда функсияҳои онҳоро омӯзед.
3. Бо ягон усул рӯйхати панелҳои асбобҳои Word-ро кушоед ва якчанд панелҳои онро дар равзана фаъол намоед.

## 5. ДОХИЛКУНӢ ВА ТАҲРИРКУНИИ МАТН

Дохилкунии матн бо ёрии таҳриргари Word хеле осон иҷро карда мешавад. Матни аз клавиатура дохилкардашуда ҳамон замон дар майдони кории равзана намудор мешавад. Мавқеи символи навбатии дохилшавандаро дар экран курсори матнӣ муайян месозад. Курсори матнии Word шакли хати рости вертикалиро дорад. Барои ба абзатс интиҳо бахшидан кифоя аст, ки тугмаи Enter пахш карда шавад. Матни ҳуҷҷат аз як сатр ба сатри оянда ба таври автоматӣ гузаронида мешавад.

Таҳриркунии матн низ дар Word он қадар душвор нест. Аслан дар раванди дохилкунии матни ҳуҷҷатҳо содир намудани хатогиҳо аз эҳтимол дур нест. Барои ислоҳ намудани онҳо, пеш аз ҳама мо бояд дар доираи матни ҳуҷҷат курсорро сайр кунонида, онро ба мавқеи лозимии матн гузошта тавонем. Курсор ба мавқеи лозимӣ бо ду тарз гузошта мешавад:

1. *<u>бо ёрии нишондиҳандаи муш.</u>* Нишондиҳандаи мушро ба мавқеи лозимии матн гузошта, тугмаи чапи мушро пахш намудан лозим аст;
2. *<u>бо истифодабарии тугмаҳои идоракунии курсор дар клавиатура</u>*:

| | | |
|---|---|---|
| ← | - | барои ба як мавқеъ ба тарафи чап кӯчонидани курсор |
| → | - | барои ба як мавқеъ ба тарафи рост кӯчонидани курсор |
| ↑ | - | барои ба сатри болоӣ кӯчонидани курсор |
| ↓ | - | барои ба сатри поёнӣ кӯчонидани курсор |
| Home | - | барои ба ибтидои сатр кӯчонидани курсор |
| End | - | барои ба интиҳои сатр кӯчонидани курсор |
| PageUp | - | барои ба як экран ба боло кӯчонидани курсор |
| PageDown | - | барои ба як экран ба поён кӯчонидани курсор |
| Ctrl Home | - | барои ба ибтидои матн кӯчонидани курсор |
| Ctrl End | - | барои ба интиҳои матн кӯчонидани курсор. |

Барои ба матн илова намудани фрагменти нав, курсорро ба мавқеъи зарурӣ оварда, матни навро дохил кардан лозим аст. Барои аз матн соқит сохтани аломатҳои нолозим, аз тугмаҳои зерин истифода мебаранд:

← Back Space – аломати дар тарафи чапи курсорбуда соқит карда мешавад

Del – аломати дар тарафи рости курсорбуда соқит карда мешавад.

Матни зеринро бо ёрии клавиатура ба компютер дохил намуда, ба воситаи он дар ин мавзӯъ ва мавзӯҳои дигар имкониятҳои протсессори матнии MS Word-ро дида мебароем.

Ҳунарманди мумтоз ва мутриби хушовоз

Мусиқӣ ва шеър бо ҳамдигар сахт алоқаманданд. Бо шунидани онҳо кас мутаассир ва рӯҳаш болида мегардад. Шоирони бузурги форсу тоҷик Рӯдакӣ, Хусрав, Ҷомӣ, Ҳилолӣ, Саъдӣ, Ҳофиз ва ғайра ин жанрҳои бадеиро дар тарбия намудани инсон хеле моҳирона истифода бурдаанд.

Ҳоло мо суруди асилро мешунавем, он гуна суруде, ки сухан бо мусиқӣ чун ду дарё бо ҳамдигар омезиш ёфтаанд.

Боз омадам ба кӯйи ту, эй каъбаи умед,
Эй модаре, ки соҳати* ҷонам сарои туст.
Боз омадам, ки бӯса занам бар мазори ту,
Эй қиблае, ки ҷону дили ман фидои туст ....

Суруди аз замири қалби санъаткор беруномада, агар мазмуни баланду оҳанги хуш дошта бошад, он гоҳ он ҳамеша ба дили шунаванда роҳ меёбад. Мутриби хушовоз, ҳофизи мумтоз, Ҳунарманди мардумии Тоҷикистон устод Зафар Нозим сароянда маҳз ҳамин гуна сурудҳост.

Зафар Нозим ҳофизи пухтакор буда, услуби хоси сароянда ва мактаби мусиқии худро дорад. Ӯ сурудҳояшро хеле самимию дилчасп месарояд. Дар интихоби шеър ва эҷоди оҳанги равону дилнишин маҳорати бемисл дорад. Матни аксари сурудҳои устод Зафар Нозим аз эҷодиёти шоирон – Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Бедил, Ҳилолӣ, Хайём, С. Айнӣ, М. Турсунзода, Б. Раҳимзода,

---

*Соҳат масоҳат, арса, фарохӣ, ҳудуд, доира, даргоҳ, саҳна

Б. Собир ва шеъру таронаҳои халқӣ интихоб шудаанд. ↵
Шунидани сурудҳои «Эй сорбон», «Бигзор то бигирям», «Муяссар шуда бошад», «Модар», «Офтоб», «Уқоби кӯҳӣ», «Табассум дар лабат», «Адабгоҳи муҳаббат», «Ҷоно ба ноз мерафт» ва ғайра касро ба дунёи хаёлот ва андешаҳои фалсафаи зиндагӣ мебаранд. ↵

Эй сорбон, оҳиста рон, к-ороми ҷонам меравад, ↵
Он дил ки бо худ доштам, бо дилситонам меравад ↵

**Саволҳо:**

1. Матни ҳуҷҷатҳои Word-ро чи тавр ба компютер дохил менамоянд?
2. Ҳангоми дохилкунии матни ҳуҷҷатҳо пахши тугмаи Enter чиро мефаҳмонад?
3. Таҳриркунии матн гуфта чиро дар назар доранд?
4. Курсори матнӣ барои чӣ хизмат мекунад? Онро бо кадом тарзҳо ба мавқеъҳои гуногуни матн гузоштан мумкин аст?
5. Ҳангоми дохилкунӣ ва таҳриркунии матн тугмаҳои ← Back Space ва Del –и клавиатура кадом функсияҳоро иҷро менамоянд?

**Супориш:**

1. Матни мавзӯъро бодиққат хонед.
2. Матни «Ҳунарманди мумтоз ва мутриби хушовоз»-ро бо ёрии клавиатура ба компютер дохил намоед.
3. Барои дар хотираи компютер нигоҳ доштани матни дохилкардашуда, онро бо ягон номи шартӣ сабт намоед.
4. Аз воситаҳои таҳриркунии матн истифода бурда, матни «Ҳунарманди мумтоз ва мутриби хушовоз»-ро айнан бо услуби дар мавзӯъ овардашуда ҷойгир намоед.

## 6. САБТИ ФАЙЛИ ҲУҶҶАТ ДАР ДИСК ВА БА ЭКРАН БАРОВАРДАНИ ОН

Пас аз қисман ё пурра дохил намудани матни ҳуҷҷат онро дар диск сабт намудан зарур аст. Агар ин амалиёт иҷро карда нашавад, он гоҳ дар лаҳзаи дилхоҳ хавфи аз компютер гум шудани матни дохилкардашуда вуҷуд дошта метавонад. Матни ҳуҷҷат дар шакли файл бо ягон ном дар хотира нигоҳ дошта мешавад. Ҳангоми таҳриркуниҳои навбатии файл, онро аз хотира бо ёрии номи сабткардашуда

ёфтан ва ба кор даровардан мумкин аст.

Якчанд усулҳои сабткунии матни ҳуҷҷатҳо вуҷуд доранд. Агар матнро бори аввал сабт карда истода бошем, он гоҳ кифоя аст, ки дар Панели асбобҳои стандартӣ (Стандартная - Standard) тугмаи -ро пахш намоем. Дар натиҷа дар экран равзанаи робитавии **Сохранение документа** (Сабткунии ҳуҷҷат - Save As) пайдо мешавад (Расми 7). Дар ин равзана бояд номи файл, папка ва диске, ки дар онҳо ин файл нигоҳ дошта мешавад, нишон дода шаванд.

Барои интихоб намудани диски зарурӣ бо ёрии майдончаи **Папка:**-и равзана (Папка - Save in) рӯйхати дискҳо ва папкаҳои компютерро кушодан лозим аст. Ба воситаи муш аз рӯйхати дискҳо номи диск ва аз майдони нишонаҳои папкаҳо папкаи заруриро интихоб менамоем. Барои ба папкаи волидайнӣ гузаштан аз тугмаи истифода бурдан лозим аст. Папка ё зерпапкаҳо бо пахши дукаратаи муш кушода мешаванд.

Тарзи ҷойгиршавии папкаҳои дискро дар майдони нишонаҳои папкаҳо бо ёрии тугмаи - идора кардан мумкин




Расми 7. Равзанаи сабти ҳуҷҷатҳо

аст. Агар мо хоҳем, ки файламон дар папкаи нав нигоҳ дошта шавад, он гоҳ чунин папкаро ба воситаи тугмаи сохта метавонем. Пас аз интихоби номи папка, дар майдончаи **Имя файла** (Номи файл – File name) номи файлро дохил кардан лозим аст. Системаи Windows дар ин майдонча ба сифати номи файл ҷумлаи якуми матни ҳуҷҷатро пешниҳод мекунад. Истифодабаранда бошад, дар майдонча мувофиқи хоҳиши худ метавонад барои файл номи муносибтарро интихоб намояд. Пас аз дохилкунии номи файл тугмаи (Сабткунӣ – Save)-ро пахш кардан зарур аст. Дар натиҷа матни ҳуҷҷат бо номи интихобкардашуда дар диск нигоҳ дошта мешавад.

Аслан дар системаи Windows барои нигоҳ доштани матни ҳуҷҷатҳо папкаи махсусе пешбинӣ карда шудааст, ки он **Мои документы** (Ҳуҷҷатҳои ман – My Documents) ном дорад. Агар истифодабаранда ҳуҷҷатҳои худро дар ягон папкаи пешакӣ муайян нигоҳ надорад, он гоҳ Windows ба таври автоматӣ ба сифати папкаи сабткунӣ маҳз папкаи **Мои документы**-ро истифода мебарад.

Акнун мо матни дар мавзӯи гузашта бо номи шартӣ дохилнамудаамонро бо номи нав дар диск такроран сабт менамоем. Барои ин аз рӯйхати **Папка** (Save in)-и равзанаи робитавии **Сохранение документа** диски C:-ро интихоб менамоем. Бо истифодабарии тугмаи рости муш дар майдони нишонаҳои папкаҳои диски интихобшуда папкаи нав месозем ва ба он **Мутриби хушовоз** ном мегузорем. Баъд папкаи **Мутриби хушовоз**-ро мекушоем ва дар майдончаи **Имя файла**-и он **Зафар Нозим** менависем. Пас аз пахши тугмаи **Сохранить** файламон бо номи **Зафар Нозим** дар папкаи **Мутриби хушовоз**-и диски **C:** (винчестер) нигоҳ дошта мешавад. Азбаски файли ҳуҷҷатамон аллакай соҳиби ном гаштааст, бинобар он пас аз таҳриркуниҳои навбатиаш барои сабт кифоя аст, ки тугмаи -и Панели асбобҳои стандартии равзана ё Shift F12 -и клавиатура пахш карда шаванд. Дар ин маврид дар экран дигар равзанаи робитавии сабткунӣ пайдо намегардад.

Акнун дар менюи Word командаи зеринро дохил мекунем: **Файл▸Выход** (Файл▸Хориҷшавӣ – File▸Exit). Ин команда кори протсессори Word-ро қатъ мегардонад. Барои анҷоми кори Word аз тугмаи ☒ низ истифода бурдан мумкин буд.

Барои аз нав кушодани файли сабтнамудаамон, аввал таҳриргари Word-ро ба кор медарорем. Дар ин маврид система ба таври автоматӣ ба сохтани ҳуҷҷати нав шурӯъ намуда, ба он номи рамзии **Документ1**-ро медиҳад. Мо дар Панели асбобҳои стандартӣ тугмаи -ро пахш менамоем. Дар экран равзанаи робитавии **Открытие документа** (Кушодани ҳуҷҷат – Open) пайдо мешавад, ки шакли он айнан ба мисли равзанаи сабткунии ҳуҷҷат аст. Дар ин равзана номи диск ва папкаи заруриамонро интихоб менамоем. Барои кушодани ягон файл кифоя аст, ки бо ёрии муш ба нишонаи он ду маротиба таъсир расонем.

Усулҳои хеле зиёди дигари кушодани файлҳо вуҷуд доранд, ки мо онҳоро дар синфи 9 ҳангоми омӯзиши системаи оператсионии Windows дида баромада будем. Ҳоло як усули дигари зуд кушодани файлҳои ба наздикӣ истифода бурдаамонро дида мебароем.

Командаҳои зеринро дохил мекунем: **Файл▸Закрыть** (Файл▸Пӯшидан – File▸Close). Файли ҳуҷҷати ҷорӣ, яъне **Документ1** пӯшида мешавад. Банди **Файл** (Файл - File)-и менюро мекушоем ва аз рӯйхати номи файлҳои дар охири зербандҳои он овардашуда, файли заруриро интихоб мекунем. Мо ба сифати чунин файл файли **Зафар Нозим**-ро қабул менамоем.

Акнун ҳуҷҷати нав месозем ва тарзи аз як ҳуҷҷат ба ҳуҷҷати дигари Word гузаштанро нишон медиҳем. Дар Панели асбобҳои стандартӣ тугмаи -ро пахш мекунем. Дар равзанаи Word саҳифаи вараҷи тоза пайдо мешавад ва система ба ин ҳуҷҷати нав номи муваққатии **Документ2**-ро медиҳад. Банди **Окно** (Равзана – Window)-и менюро мекушоем. Дар қисми поёнии зербандҳои он номи ду файл

оварда шудааст. Байракчаи назди номи файл маънои онро дорад, ки ин файл ҳоло файли фаъол (ҷорӣ) аст. Барои фаъол гардонидани файли **Зафар Нозим** кифоя аст, ки ба номи он ба воситаи муш як маротиба таъсир расонем. Дар экран акнун матни файли **Зафар Нозим** намудор мешавад. Барои ба файли **Документ2** бозгаштан бошад, боз аз нав аз банди **Окно**-и меню истифода бурдан лозим аст.




**Саволҳо:**

1. Барои чӣ матни ҳуҷҷатҳо дар диск сабт карда мешаванд?
2. Оё сабти якуми файли ҳуҷҷат аз сабтҳои минбаъдаи он ягон фарқи ҷиддие дорад?
3. Кадом усулҳои сабткунии файлҳои ҳуҷҷатҳо мавҷуданд?
4. Чи тавр файли ҳуҷҷатро дар папкаи зарурӣ ҷойгир намудан мумкин аст?
5. Функсияи папкаи **Мои документы** аз чӣ иборат аст?
6. Равзанаи робитавии **Открытие документа** аз равзанаи **Сохранение документа** чӣ фарқ дорад?
7. Кадом усулҳои кушодани файли ҳуҷҷатҳо мавҷуданд?
8. Оё дар протсессори Word дар як вақт бо якчанд ҳуҷҷат кор кардан мумкин аст?
9. Банди **Окно**-и менюи Word кадом функсияро иҷро менамояд?

**Супориш:**

1. Матни мавзӯъро бодиққат хонед ва онро нақл намоед.
2. Равзанаҳои робитавии **Открытие документа** ва **Сохранение документа**-ро бо навбат кушоед ва монандию тафовути онҳоро дар дафтаратон сабт намоед.
3. Супоришҳои дар мавзӯъ нисбати матни «Ҳунарманди мумтоз ва мутриби хушовоз» овардашударо мустақилона дар компютер иҷро намоед.

## 7. РЕЧАҲОИ АЗНАЗАРГУЗАРОНИИ МАТН

Ҳуҷҷати таҳриршавандаро дар Word бо ёрии речаҳои гуногун аз назар гузаронидан мумкин аст, ки ҳар кадомашон нисбат ба дигар речаҳо бартарӣ ва камбудии худро доранд. Аслан чор речаи азназаргузаронии матни ҳуҷҷатҳо мавҷуд аст: **Мукаррарӣ** (Обычный - Normal),

**Саҳифаченкунӣ** (Разметка страницы – Page Layout), **Сохторӣ** (Структура - Outline), **Ҳуҷҷати электронӣ** (Web-документ – Online Layout View).

Аз як реҷа ба реҷаи дигари азназаргузаронӣ ба воситаи пахши тугмаҳои дар қисми поёнии чапи равзанаи ҳуҷҷат  (сатри Тасмаи тобдиҳии горизонталӣ) овардашуда гӯзаштан мумкин аст. Намуди тугмаҳои реҷаҳо бо баъзе тугмаҳои Панели асбобҳои қолиббандӣ (Форматирование – Formatting) хеле шабоҳат доранд. Онҳоро аз ҳамдигар ба воситаи функсияҳояшон ва макони ҷойгиршавиашон фарқ кардан мумкин аст. Аз як реҷа ба дигар реҷа гузаштанро ҳамчунин бо ёрии командаҳои банди **Вид** (Намуд – View)-и менюи Word низ иҷро кардан мумкин аст.



Реҷаи **Мукаррарӣ** (Обычный – Normal) барои иҷрокунии қисми асосии кор – дохилкунӣ, таҳриркунӣ ва қолиббандии матни ҳуҷҷат хеле қулай аст. Дар ин реҷа суръати кори Word нисбат ба дигар реҷаҳо тезтар аст. Ба воситаи ин реҷа қариб ҳамаи намудҳои қолиббандии матнро дидан мумкин аст.



Дар реҷаи **Саҳифачепкунӣ** (Разметка страницы – Page Layout) саҳифаҳои ҳуҷҷат дар экран он гуна инъикос карда мешаванд, ки гӯё онҳо дар коғаз чоп шуда бошанд. Дар ин реҷа тамоми намудҳои қолиббандии матнро баръало дидан мумкин аст.



Реҷаи **Сохторӣ** (Режим структуры - Outline) барои азназаргузаронӣ, сохтан ва тағйир додани сохтори ҳуҷҷат хизмат мерасонад. *Сохтори ҳуҷҷат – ин тарзи ҷойгиршавии қисмҳо ва зерқисмҳои ҳуҷҷат мебошад.* Масалан, сарлавҳаҳои бобҳои китоб ва параграфу зерпараграфҳои он бо ҳамроҳии қисми матне, ки ба онҳо тааллуқ доранд, сохтори китобро ташкил медиҳанд.

Иерархияи сарлавҳаҳои китоби дилхоҳро дар мундариҷаи китоб дидан мумкин аст. Ба воситаи имкониятҳои ин реҷа ба экран танҳо сарлавҳаҳоро бароварда, матнеро, ки ба онҳо тааллуқ дорад, муваққатан пинҳон кардан мумкин

аст. Ҳамчунин тартиби дараҷаи сарлавҳаҳоро зиёду кам карда, бандҳои онро ба зербандҳо ва зербандҳоро ба бандҳо табдил додан мумкин аст. Дар мавриди аз як мавқеи ҳуҷҷат ба мавқеи дигари он кӯчонидани сарлавҳаҳо ба таври автоматӣ ҳамаи зерсарлавҳаҳои ин сарлавҳа бо ҳамроҳии матнҳояшон ба мавқеи нав мекӯчанд.



Речаи **Ҳуҷҷати электронӣ** (Web-документ – Online Layout View) барои аз экран хубтар хондани матни ҳуҷҷат пешбинӣ карда шудааст. Ҳуҷҷатҳои электронии ба воситаи шабакаҳои компютерӣ интиқолшаванда маҳз дар ҳамин реҷа нигоҳ дошта мешаванд. Дар ин реҷа мафҳуми қолиббандӣ маънои аслии худро гум мекунад.




Новобаста аз он ки мо дар кадом реҷаи азназаргузаронии матн кор мекунем, имконият дорем, ки масштаби инъикоскунии матни ҳуҷҷатро дар экран тағйир диҳем. Дар ин мавридҳо андозаи матн ва тарзи ҷойгиршавии он дар саҳифа тағйир наёфта, танҳо андозаи матн дар экран тағйир меёбад. Масштабро бо ёрии тугмаи -и Панели асбобҳои стандартӣ тағйир додан мумкин аст. Адади дар майдончаи тугма нишондодашуда масштаби ҷории азназаргузарониро нишон медиҳад. Рӯйхати масштабҳои стандартии Word-ро кушода, ягон масштаби лозимиро (масалан, 50% ё 100% ва ё 200%) интихоб менамоем. Ҳангоми ивазкунии масштаби азназаргузаронӣ намуди зоҳирии матни таҳриршаванда низ тағйир меёбад. Сатрҳои **Страница целиком** (Саҳифаи яклухт – Whole Page) ва **Две страницы** (Ду саҳифа – Two Pages)-и рӯйхати масштаб дар ҳамаи реҷаҳо дида намешаванд. Ҳамчунин бояд қайд кард, ки дар ҳар як реҷа масштаб аз нав муайян карда мешавад. Масалан, агар шумо аз рӯйхати масштабҳо 50%-ро интихоб кунед ва баъд аз реҷаи ҷорӣ ба дигар реҷа гузаред, он гоҳ фарқи реҷаҳои азназаргузарониро зуд муайян карда метавонед.

Word имконият медиҳад, ки на танҳо масштабҳои дар рӯйхат нишондодашуда, балки масштаби андозааш дилхоҳ истифода бурда шавад. Барои ин ба воситаи муш ба майдончаи тугмаи масштабҳо таъсир мерасонанд. Ранги адади дар он ҷойгиршуда тиратар мегардад. Аз клавиатура масштаби заруриро дохил менамоянд ва тугмаи Enter -ро пахш мекунанд. Символи %-ро дохил намудан шарт нест. Масштабҳои инъикоскунии матни ҳуҷҷатҳои Word аз 10% то 500% тағйир ёфта метавонанд.

**Саволҳо:**

1. Дар Word чанд речаи азназаргузаронии матни ҳуҷҷатҳо мавҷуд аст? Онҳо чӣ ном доранд?
2. Кадом усулҳои аз як реча ба дигар речаи азназаргузаронии матнро медонед?
3. Дар кадом речаи азназаргузаронӣ дохилкунии матни ҳуҷҷат аз ҳама қулайтар аст?
4. Речаҳои Муқаррарӣ ва Саҳифаченкунӣ аз ҳамдигар чӣ фарқ доранд?
5. Речаи азназаргузаронии Сохторӣ барои чӣ хизмат мерасонад?
6. Дар кадом мавридҳо аз речаи азназаргузаронии Ҳуҷҷати электронӣ истифода мебаранд?
7. Функсияи масштаби инъикоскунии матни ҳуҷҷат дар речаҳои азназаргузаронӣ аз чӣ иборат аст? Масштабро чи тавр тағйир додан мумкин аст?
8. Дар ягон речаи азназаргузаронӣ масштаби инъикоскунии матн ба 150% баробар аст. Оё ин маънои онро дорад, ки дар дигар речаҳо низ масштаб чунин аст?

**Супориш:**

1. Матни мавзӯъро бодиққат хонед ва онро нақл намоед.
2. Матни ҳуҷҷати файли **Зафар Нозим**-ро кушоед ва онро бо ёрии ҳамаи речаҳои азназаргузаронии матнҳо дар экран инъикос намоед. Бинед, ки ҳангоми гузариш аз як реча ба речаи дигар матни ҳуҷҷат дар экран чи тавр инъикос карда мешавад. Ба фикри шумо дар кадом реча матни ҳуҷҷат дилчасптар инъикос карда шуд?
3. Ба речаи Муқаррарӣ гузаред ва аз рӯйхати масштаби он адади 50%-ро интихоб намуда, матни ҳуҷҷати файли **Зафар Нозим**-ро дар экран инъикос намоед. Баъд ба речаи Саҳифаченкунӣ гузашта, аз рӯйхати масштаби он низ адади 50%-ро интихоб намоед ва фарқияти инъикоскунии матнро дар ҳар ду мавирид тадқиқ намоед.
4. Бо навбат ҳамаи речаҳои азназаргузаронии матнро фаъол гардонед ва бинед, ки дар рӯйхати масштаби кадоме аз онҳо сатрҳои

**Страница целиком** ва **Две страницы** дида мешаванд. Аз ин сатрҳо ва сатрҳои **По ширине текста** ва **По ширине страницы** истифода бурда, матни ҳуҷҷати файли **Зафар Нозим**-ро дар экран инъикос намоед.

## 8. Тарзҳои азназаргузаронии ҳамаи қисмҳои матни ҳуҷҷат

Аз мавзӯҳои гузашта мо медонем, ки барои аз як қисми матни ҳуҷҷат ба қисми дигари он гузаштан, аз тугмаҳои идоракунии курсор истифода мебурданд. Усули боз ҳам тезтару қулайтари сайркунӣ дар ҳудуди матни ҳуҷҷат – ин истифодабарӣ аз имкониятҳои муш мебошад. Барои ин кифоя аст, ки нишондиҳандаи мушро ба мавқеи зарурии матн гузорем ва тугмаи чапи онро пахш намоем. Курсор ба мавқеи қайдкардашуда мекӯчад. Ин амалиётро вақте иҷро кардан мумкин аст, ки агар нишондиҳандаи муш намуди хати рости вертикалии I-ро дошта бошад. Агар нишондиҳандаи муш яке аз намудҳои ё -ро қабул карда бошад, он гоҳ дар ин мавқеъ матнро дохил кардан имконнопазир аст ва пахши тугмаи муш ба иҷрои дигар амалиёт оварда мерасонад.



Агар матни ҳуҷҷат яклухт дар як экран нагунҷад, он гоҳ лозим меояд, ки барои дидани фрагменти зарурӣ матни ҳуҷҷатро ба тарафи боло ё поён, чап ё рост тоб диҳем. Ин амалиётро бо ёрии Тасмаҳои тобдиҳии горизонталӣ ва вертикалӣ иҷро намудан мумкин аст. Дар канорҳои тасмаҳои тобдиҳӣ **тугмаҳои самтдор** ва дар мобайнашон **элементи тездавак** ҷойгир шудааст. Андозаи тездавакҳо вобаста аз нисбати андозаи матни ҳуҷҷат бар андозаи фрагменти матни дидашаванда метавонанд тағйир ёбанд.

Барои матнро ба тарафи рост ё чапи экран тоб додан аз Тасмаи тобдиҳии горизонталӣ истифода мебаранд. Тугмаҳои ва матнро ба як мавқеъ ва элементи тездавак бошад, матнро зуд ва якбора ба тарафи чап ё рост тоб медиҳанд. Барои ба як ё якчанд мавқеъ ба тарафи чап ё рост кӯчонидани матн, нишондиҳандаи мушро ба болои тугмаи ё гузошта, тугмаи чапи мушро ҳамон миқдор пахш кардан лозим аст. Агар хоҳем, ки матнро зуд ба тарафи рост ё чап кӯчонем, нишондиҳандаи мушро ба болои элементи тездавак мегузорем ва тугмаи чапи мушро пахшкунон, тездавакро ба тарафи зарурӣ мелағжонем. Ҳангоми дар экран намоён гардидани фрагменти лозимӣ тугмаи чапи мушро сар медиҳем. Ба ғайр аз ин, барои қисм ба қисм ба тарафи рост ё чап кӯчонидани матн, нишондиҳандаи мушро аз тарафи рост ё чапи элементи тездавак мегузорем ва тугмаи чапи мушро то пайдо шудани фрагменти зарурӣ пахш кардан мегирем.

Айнан ҳамин тавр, аз Тасмаи тобдиҳии вертикалӣ истифода бурда, матнро ба тарафи боло ё поёни экран тоб додан мумкин аст. Агар барои тобдиҳӣ тездавак истифода бурда шавад, он гоҳ ҳангоми ҳаракати тездавак дар паҳлӯи он рақами саҳифае нишон дода мешавад, ки бо сардиҳии тугмаи чапи муш бояд матни он саҳифа дар экран намоён шавад. Тугмаҳои ва матнро як сатрӣ ба боло ва поён мекӯчонанд. Пахши тугмаи чапи муш аз болотар ё поёнтари элементи тездавак, ба миқдори як экранӣ матнро ба боло ё поён мекӯчонад.

Пас аз ёфтани фрагменти зарурӣ барои таҳриркунии он кифоя аст, ки нишондиҳандаи мушро ба мавқеи таҳриркунӣ гузорем ва тугмаи чапи онро пахш намоем. Курсори матнӣ дар мавқеи қайдкардашуда пайдо мегардад.

Бояд қайд кард, ки матни ҳуҷҷатҳо ба ғайр аз ҳарфҳо, рақамҳо ва символҳои нуқтаву вергул, аломатҳои хитобу савол ва ғайра боз символҳои махсусро дарбар мегиранд, ки онҳо *символҳои чопнашаванда* ном доранд. Хусусияти ин

символҳо аз он иборат аст, ки онҳоро ҳангоми азназаргузаронии матни ҳуҷҷатҳо танҳо дар экран дидан мумкин аст. Дар вақти дар коғаз чопкунии матн бошад, онҳо нонамоён мемонанд. Гарчанде онҳоро дар экран низ на ҳама вақт дидан мумкин бошад ҳам, вале онҳо ҳамеша дар матни ҳуҷҷат вуҷуд доранд.

Барои дар экран дидани символҳои чопнашаванда дар Панели асбобҳои стандартӣ тугмаи ¶ - **Символҳои чопнашаванда** (Непечатаемые символы – Show/Hiden)-ро пахш кардан лозим аст. Ба чунин символҳо – *символи пробел* (нуқтачаҳои сиёҳ ·), *символи охири абзатс* (¶), *символи табулятсия* (→) ва ғайра дохил мешаванд. Ҳузури ин символҳо дар экран ба истифодабаранда информатсияи иловагиро зам намуда, қабули матнро душвортар мегардонад. Пахши дуюмбораи тугмаи ¶ ин символҳоро дар экран нонамоён мегардонад.

### Саволҳо:

1. Кадом усулҳои аз як қисми матни ҳуҷҷат ба дигар қисмҳои он гузаштанро медонед?
2. Барои аз як қисми матни ҳуҷҷат ба дигар қисмҳои он гузаштан усули истифодабарии тугмаҳои идоракунии курсор осонтар аст ё истифодабарии нишондиҳандаи муш?
3. Дар равзанаи ҳуҷҷати Word нишондиҳандаи муш кадом шаклҳоро гирифта метавонад? Ҳангоми кадом шакли нишондиҳандаи муш курсорро аз як мавқеъ ба мавқеи дигари матн кӯчонидан мумкин аст?
4. Тасмаҳои тобдиҳии горизонталӣ ва вертикалӣ кадом функсияҳоро иҷро менамоянд?
5. Элементи тездаваки тасмаҳои тобдиҳӣ барои чӣ хизмат мекунад?
6. Ба символҳои чопнашавандаи матн кадом символҳо дохил мешаванд? Ин символҳоро бо ёрии кадом тугмаи Панели асбобҳои стандартӣ дар экран намоён кардан мумкин аст?

### Супориш:

1. Матни мавзӯъро бодиққат хонед ва онро нақл намоед.
2. Файли **Зафар Нозим**-ро ба кор омода созед.
3. Ба реҷаи азназаргузаронии Саҳифаченкунӣ гузаред ва бо ёрии майдончаи масштаби Панели асбобҳои стандартӣ андозаи матни файлро 200% гардонед.

4. Аз имкониятҳои тасмаҳои тобдиҳии горизонталӣ ва вертикалӣ истифода бурда, фрагментҳои гуногуни матни файлро ба қисми чапу рост ва болову поёни экран тоб диҳед.
5. Аз тугмаи ¶ истифода бурда миқдори абзатсҳои матнро муайян намоед.
6. Андозаи масштаби матнро ба 100% табдил диҳед.
7. Файли ҷориро пӯшед.
8. Аз тугмаи **Создать**-и Панели асбобҳои стандартӣ истифода бурда, дар мавзӯи «Душанбе пойтахти Тоҷикистон» матни иборат аз 25 ҷумларо дар шакли ҳуҷҷати нав тартиб диҳед.
9. Барои нигаҳдории матни ҳуҷҷати сохташуда дар диски **C:**-и компютер папкаи нави **Тоҷикистон** кушоед ва файли ҳуҷҷатро дар он бо номи **Душанбе** сабт намоед.

## 9. Тарзҳои ҷудокунии матни ҳуҷҷат

Мо дар мавзӯҳои гузашта тарзҳои дохилкунии матни ҳуҷҷатҳо, усулҳои азназаргузаронии онҳо, роҳҳои аз як қисм ба қисми дигари матнҳо гузаштан ва механизми таҳриркунии матнҳоро аз худ кардаем. Барои қолиббандии (форматкунонӣ) матнҳо бошад, мо аввал бояд тарзҳои ҷудокунии онҳоро донем. Дар Word ҳар гуна фрагменти матнро аз як символ сар карда то тамоми матни ҳуҷҷат ҷудо кардан мумкин аст. Барои ҷудокунии матни ҳуҷҷат ҳам аз имкониятҳои муш ва ҳам аз клавиатура истифода бурдан мумкин аст. Фрагменти ҷудокардашудаи матнро аз қисмҳои дигари матн ба осонӣ фарқ кардан мумкин аст. Одатан ранги фрагменти ҷудокардашуда инверсияи ранги қисмҳои боқимондаи матн аст, яъне агар матни ҳуҷҷат бо ранги сиёҳ дар заминаи ранги сафед дохил карда шуда бошад, он гоҳ ранги фрагменти матни ҷудокардашуда – сафед ва ранги заминаи он сиёҳ мегардад. Масалан, ҷумлаи мазкур – фрагменти ҷудокардашуда ба ҳисоб меравад. Ҳангоми ҷудокунии матни бо ранги ғайри сиёҳ дохилкардашуда бошад, инверсияи онро Word ба таври автоматӣ муайян менамояд.

*Фрагмент – ягон қисми матни ҳуҷҷат аст.* Он дар намуди сатрӣ ё росткунҷавӣ дода мешавад.

Фрагменти сатрӣ аз пайдарпайии сатрҳои матн иборат мебошад. Фрагменти росткунҷавӣ бошад, як қисми матн аст, ки он шакли росткунҷаро дорад.




Тарзи ҷудо намудани фрагменти сатрӣ бо ёрии клавиатура чунин аст:

1. Курсорро ба ибтидои сатри якуми фрагмент мегузорем.
2. Тугмаи F8-ро пахш менамоем.
3. Бо ёрии тугмаҳои идоракунии курсор фрагментро ҷудо мекунем.

Фрагменти сатриро бо ёрии муш тезтар ҷудо кардан мумкин аст. Бо ин мақсад нишондиҳандаи мушро ба ибтидои сатри якуми фрагмент мегузорем ва тугмаи чапи мушро пахшкунон нишондиҳандаашро то сатри зарурӣ ба самти поён мелағжонем. Ҷудокуниро аз сатри охирони фрагмент низ сар кардан мумкин аст. Барои ин нишондиҳандаи мушро ба интиҳои сатри охирони фрагмент мегузорем ва онро ҳангоми пахши тугмаи чапи муш ба самти боло мелағжонем.

Барои бекор намудани амали ҷудокунии фрагмент тугмаи Esc-ро дар клавиатура ё тугмаи чапи мушро берун аз ҳудуди фрагменти ҷудокардашуда пахш намудан лозим аст.

Тарзи ҷудо намудани фрагменти росткунҷавӣ бо ёрии клавиатура чунин аст:

1. Курсорро ба кунҷи чапи фрагмент мегузорем.
2. Тугмаҳои Ctrl, Shift ва F8-ро якҷоя пахш карда, сар медиҳем.
3. Бо ёрии тугмаҳои идоракунии курсор фрагментро ҷудо менамоем.

Тарзи ҷудокунии фрагменти роскунҷавӣ бо ёрии муш қариб ба мисли тарзи ҷудокунии фрагменти сатрӣ мебошад.

Ба ғайр аз ин усулҳо, боз тарзҳои дигари ҷудокунии фрагментҳои матнӣ вуҷуд доранд. Масалан, барои ягон ҷумла, калима ё символро ҷудо кардан, аввал курсорро аз пеш ё паси символҳои ҷудошаванда мегузоранд ва баъд тугмаи Shift ва тугмаҳои идоракунии курсорро якҷоя пахш менамоянд.

Ҳангоми истифодабарии муш бошад, ду усули ҷудокуниро татбиқ мекунанд: усули лағжониш ва усули пахшкунии тугмаи чап. Бо усули лағжониш дар боло шинос шудем. Ҷудокунии фрагментҳо бо ёрии усули пахшкунии тугмаи чапи муш бошад, аз миқдори пахшкуниҳо ва мавқеи ҷудокунӣ вобаста аст. Ин усул усули аз ҳама зудтарини ҷудокуниҳо ба ҳисоб меравад. Аз истифодабарандаи компютер дар ин маврид талаб карда мешавад, ки ӯ тугмаи чапи мушро ду ва се маротиба пахш карда тавонад.

Барои ҷудокунии калима нишондиҳандаи мушро ба болои символи дилхоҳи он гузошта, тугмаи чапи мушро пайдарпай (дар лаҳзаи ками вақт) ду маротиба пахш карда сар медиҳем. Агар тугмаи чапи мушро се маротиба пахш карда сар диҳем, он гоҳ тамоми матни абзатсе, ки ин калима ба он тааллуқ дорад, ҷудо карда мешавад.

Барои ҷудокунии фрагментҳои нисбатан калонтар аз **хати ҷудокунии матн** истифода мебаранд. *Хати ҷудокунӣ – фосилаест, ки дар ҳошияи тарафи чапи майдони кории ҳуҷҷат ҷойгир буда, ҳангоми нишондиҳандаи мушро ба он гузоштан, шакли нишондиҳандаи муш намуди ⇗-ро мегирад.* Шакли I ё ⇖ доштани нишондиҳандаи муш маънои ба хати ҷудокунӣ нарасиданро дорад. Дар мавриди дар экран нонамоён будани ҳошияи чапи саҳифа аз Тасмаи тобдиҳии горизонталӣ истифода бурда, матнро ба тарафи рост кӯчондан лозим аст. Агар нишондиҳандаи муш дар хати ҷудокунӣ ҷойгир бошад, яъне он шакли ⇗-ро қабул карда

бошад, он гоҳ пахши яккаратаи тугмаи чапи муш ба ҷудокунии як сатр (сатре ки нишондиҳанда дар муқобили он истодааст), пахши дукарата – ба ҷудокунии абзатс ва пахши секарата – ба ҷудокунии матни яклухти ҳуҷҷат оварда мерасонад.

Барои ҷудокунии матни яклухти ҳуҷҷат инчунин аз командаи менюи Word **Правка▸Выделить все** (Таҳрир ▸ Яклухт ҷудо карда шавад – Edit▸Select all) истифода бурдан мумкин аст.

### Саволҳо:

1. Кадом усулҳои аз як қисми матни ҳуҷҷат ба дигар қисмҳои он гузаштанро медонед?
2. Барои аз як қисми матни ҳуҷҷат ба дигар қисмҳои он гузаштан, усули истифодабарии тугмаҳои идоракунии курсор осонтар аст ё усули истифодабарии нишондиҳандаи муш?
3. Дар равзанаи ҳуҷҷати Word нишондиҳандаи муш кадом шаклҳоро гирифта метавонад? Ҳангоми кадом шакли нишондиҳандаи муш курсорро аз як мавқеъ ба мавқеи дигари матн кӯчонидан мумкин аст?
4. Калима, абзатс ва фрагментҳои алоҳидаи матни ҳуҷҷатро чи тавр ҷудо намудан мумкин аст?
5. Хати ҷудокунии матн чист? Аз он чи тавр истифода бурдан мумкин аст?
6. Тасмаҳои тобдиҳии горизонталӣ ва вертикалӣ кадом функсияҳоро иҷро менамоянд?
7. Элементи тездаваки тасмаҳои тобдиҳӣ барои чӣ хизмат мерасонад.
8. Ба символҳои чопнашавандаи матн кадом символҳо дохил мешаванд? Ин символҳоро бо ёрии кадом тугмаи Панели асбобҳои стандартӣ дар экран намоён кардан мумкин аст?

### Супориш:

1. Матни мавзӯъро бодиққат хонед ва онро нақл намоед.
2. Файли **Зафар Нозим**-ро ба кор омода созед.
3. Ба реҷаи аэназаргузаронии Саҳифаченкунӣ гузаред ва бо ёрии майдончаи масштаби Панели асбобҳои стандартӣ андозаи матни файлро 200% гардонед.
4. Аз имкониятҳои тасмаҳои тобдиҳии горизонталӣ ва вертикалӣ истифода бурда, фрагментҳои гуногуни матни файлро ба қисми чапу рост ва болову поёни экран тоб диҳед.
5. Аз тугмаи  истифода бурда, миқдори абзатсҳои матнро муайян намоед.
6. Андозаи масштаби матнро ба 100% табдил диҳед

7. Файли ҷориро пӯшед.
8. Аз тугмаи **Создать**-и Панели асбобҳои стандартӣ истифода бурда, дар мавзӯи «Душанбе пойтахти Тоҷикистон» матни иборат аз 25 ҷумларо дар шакли ҳуҷҷати нав тартиб диҳед.
9. Барои нигаҳдории матни ҳуҷҷати сохташуда дар диски С:-и компютер папкаи нави **Тоҷикистон** кушоед ва файли ҳуҷҷатро дар он бо номи **Душанбе** сабт намоед.

## 10. ТАРЗҲОИ НУСХАБАРДОРӢ, ҶОЙИВАЗКУНӢ ВА НЕСТКУНИИ МАТНҲО

Дар Word амалиёти нусхабардорӣ, ҷойивазкунӣ ва несткунии матн ва фрагментҳои онро бо тарзҳои гуногун иҷро намудан мумкин аст. Яке аз тарзҳои хеле қулайи иҷрокунии ин амалиёт истифодабарии **буфери мубодила** мебошад. *Буфери мубодила (Буфер обмена - Clipbord) – ин қисми махсуси хотираи фаврии компютер мебошад, ки дар он информатсия муваққатан нигоҳ дошта мешавад.* Информатсияи дар буфер маҳфузбударо якчанд маротиба аз нав истифода бурдан мумкин аст. Ҳангоми ба буфери мубодила равон намудани информатсияи нав информатсияи пешинаи он нест мешавад. Ҳамчунин буфери мубодила имконият медиҳад, ки информатсияи ба воситаи як программа сохташударо программаи дигар истифода барад. Ҳамин тавр, программаҳо метавонанд байни худ мубодилаи информатсияро барқарор намоянд. Барои бо буфери мубодилаи Word кор кардан тугмаҳои Панели асбобҳои стандартӣ хизмат мерасонанд: - Хориҷкунӣ ба буфер (Удалить в буфер – Cut), - Нусхабардорӣ ба буфер (Копировать в буфер – Copy), - Гузоштан аз буфер (Вставить из буфера – Paste).

- Пахши тугмаи - фрагменти ҷудокардашударо аз матн нест менамояд ва онро ба буфери мубодила ҷойгир мекунад.
- Пахши тугмаи - нусхаи фрагменти ҷудокардашудаи матнро ба буфери мубодила равон менамояд.

- Пахши тугмаи - фрагменти дар буфер маҳфузбударо ба мавқеи қайдкардашудаи матн мегузорад.

Амалиёти номбурдаро бо ёрии командаҳои бандҳои менюи Word низ иҷро кардан мумкин аст:

1. *ба буфер равон кардани фрагмент.* Аз менюи программаи Word банди **Правка** (Таҳрир – Edit) ва дар зерменюи пайдогардида командаи **Вырезать** (Буридан – Cut)-ро интихоб менамоем.
2. *ба буфер нусхабардорӣ намудани фрагмент.* Аз менюи программа банди **Правка** (Таҳрир – Edit) ва дар зерменюи пайдогардида командаи **Копировать** (Нусхабардорӣ – Copy)-ро интихоб менамоем.
3. *аз буфер бозгирифтани фрагмент ва ба ягон мавқеи матн гузоштани он.* Курсорро ба мавқеи лозимии матн гузошта, аз менюи программа банди **Правка** (Таҳрир – Edit) ва дар зерменюи пайдогардида командаи **Вставить** (Гузоштан – Paste)-ро интихоб менамоем.
4. *аз матн хориҷ намудани фрагмент.* Пас аз ҷудо кардани фрагмент тугмаи Del-ро дар клавиатура пахш менамоем.

Ҳамаи амалиёти қайдкардашударо бевосита бо ёрии имкониятҳои клавиатура ва муш ҳам иҷро кардан мумкин аст. Масалан, пахши тугмаҳои Ctrl ва Ins амалиёти нусхабардории информатсия ба буфер, Shift ва Ins - аз буфер гирифтани информатсия, Shift ва Del – несткунии информатсия аз матн ва ба буфер равон кардани онро иҷро мекунанд.

Барои фрагменти матнро аз як мавқеъ ба мавқеи дигар кӯчонидан кифоя аст, ки аввал фрагментро ҷудо намоем ва баъд тугмаи чапи мушро пахшкунон онро то мавқеи нави матн лағжонем.

Дар раванди кор бо фрагментҳои матн баъзан тасодуфан фрагментҳои зарурӣ нобуд ё фрагментҳои нозарур ба матн ҳамроҳ карда мешаванд. Бояд дар хотир дошт, ки ҳар гуна амалиёти иҷрошудаи номатлубро зуд бекор кардан

мумкин аст. Барои бекоркунии амалиёти иҷрошуда тугмаи - **Бекоркунӣ** (Отменить – Undo)-и Панели асбобҳои стандартӣ хизмат мерасонад. Барои аз нав барқарор кардани амалиёти бекоркардашуда бошад, тугмаи - **Такроркунӣ** (Повторить – Red) хизмат мерасонад. Ҳар ду амалиёти охиронро ба воситаи тугмаҳои клавиатура низ иҷро кардан мумкин аст: Alt BackSpace – бекоркунӣ, F4 – такроркунӣ.

**Саволҳо:**

1. Буфери мубодила чист?
2. Кадом усулҳои нусхабардорӣ, ҷойивазкунӣ ва соқиткунии фрагменти матнҳоро медонед?
3. Қабл аз нусхабардорӣ, ҷойивазкунӣ ва соқиткунии фрагменти матнҳо кадом амалиёт бояд гузаронида шавад?
4. Командаҳои кадом банди менюи Word барои гузаронидани амалиёти нусхабардорӣ, ҷойивазкунӣ ва соқиткунии фрагменти матнҳо пешбинӣ карда шудааст?
5. Амалиёти нусхабардории фрагменти матн аз соқиткунии он чӣ фарқ дорад?
6. Барои фрагменти матни ҷудокардашуда пахши тугмаи Del аз пахши якҷояи тугмаҳои Shift ва Del чӣ фарқ дорад?
7. Чи тавр фрагменти матнро аз як мавқеъ ба дигар мавқеи матни ҳуҷҷат кӯчонидан мумкин аст?
8. Кадом вақт аз тугмаҳои ва истифода мебаранд?

**Супориш:**

1. Матни мавзӯъро бодиққат хонед ва онро нақл намоед.
2. Папкаи **Тоҷикистон**-ро кушоед ва бо ёрии командаи менюи он **Файл▸Создать▸Документ Microsoft Word** ҳуҷҷати нав созед ва ба он **Компютер** ном гузоред.
3. Матни зеринро ба компютер дохил намоед ва онро дар файли **Компютер** сабт кунед:

*Компютер – пеш аз ҳама як намуд мошин аст. Он бо дигар мошинҳои дар рӯзгори хонаю мактаб, нақлиёту истеҳсолот ва дигар соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёт истифодашаванда хеле монанд аст.*

*Хосияти аз ҳама асосии компютер ин суръати беандоза баланди ҳисоббарории он мебошад. Худи мафҳуми компютер низ маҳз бо ҳамин хосияти он алоқаманд аст: computer – ҳисоббарор. Тасаввур кунед, ки компютерҳои аввалин дар як сония метавонистанд садҳо ҳазор ададҳоро ба ҳам ҷамъ созанд. Компютерҳои ҳозиразамон бошанд, метавонанд дар як сония миллиард ва аз он низ зиёдтар ададҳоро ҷамъ намоянд.*

*Компютерҳо дар баробари хеле зудкор буданашон, боз таҷҳизоти беан-*

*доза бозъгимод ба шумор меравад. Фарқи компютер аз инсон дар он аст, ки компютер ҳисоббарориҳоро зудтар ва аниқтар иҷро менамояд ва якчанд соат ё ҳатто рӯзҳо бе танаффус кор карда, аз хастагӣ шикоят наменамояд.*

*Дигар арзиши хеле муҳими компютерҳо аз он иборат аст, ки онҳо имконияти қабул кардан, нигоҳ доштан ва истифода бурдани информатсияю командаҳоро доранд. Ин хосияти компютерҳо онҳоро ба мошинҳои беҳамто ва бе мислу монанд табдил медиҳад.*

*Хосияти марказӣ ва муҳимтарини компютер дар он аст, ки он мошини оддӣ набуда, балки мошини электронӣ аст. Маҳз аз ҳамин сабаб ҳам, онро мошини электронии ҳисоббарор (МЭҲ) меноманд. Компютерҳо ҳамаи вазифаҳояшонро бо ёрии программаҳо ва таври автоматӣ, яъне бе иштироки одам иҷро менамоянд.*

4. Бо матни дохилкардашуда амалиёти зеринро гузаронед:

- Ҷойи матни абзатсҳои сеюм ва панҷуми ҳуҷҷатро иваз намоед.
- Нусхаи матни абзатси якумро дар охири ҳуҷҷат се маротиба пай дар пай ҷойгир намоед.
- Ду абзатси охирони матнро нест намоед.
- Ҷойи ҷумлаҳои абзатси якумро иваз намоед ва аз нав онҳоро ба ҷойи худ гузоред.
- Амалиёти иҷрокардашударо бекор намоед ва матни ҳуҷҷатро ба ҳолати аввалааш баргардонед.

5. Файли ҳуҷҷатро дар диск сабт намоед ва корро бо Word ба охир расонед.

## 11. ТАРЗҲОИ ҚОЛИББАНДИИ МАТН

Ҳангоми омӯзиши мавзӯҳои аввала қайд карда будем, ки қолиббандии матн (форматкунонӣ) яке аз амалиёти муҳимтарини протсессори Word ба ҳисоб меравад. Маҳз пас аз қолиббандии матн ҳуҷҷати тайёркардашуда намуди зоҳирии зебо ва ҷолибро қабул менамояд.

Дар Word аз символи алоҳида сар карда, то тамоми матни ҳуҷҷатро дар шакли яклухт қолиббандӣ кардан мумкин аст. Набояд фаромӯш кард, ки пеш аз қолиббандии матн ё фрагменти алоҳидаи он аввал онҳоро ҷудо бояд кард.

Ҳангоми қолиббандии калимаҳо ё символҳои алоҳидаи матн аз ҳуруфҳои гуногун, андозаҳои гуногуни ҳуруфҳо, тарзҳои гуногуни зоҳиршавии онҳо, рангҳои гуногун, тарзҳои гуногуни нисбат ба ҳамдигар ҷойгиршавии онҳо ва ғайра истифода мебаранд.




Расми 8. Равзанаи интихобкунии ҳуруф ва ченаки он

***Интихоби ҳуруф ва ченаки он.*** Барои интихоб намудани ҳуруф ва ченаки он аз командаи **Формат▸Шрифт** (Қолиббандӣ▸Ҳуруф – Format▸Font)-и менюи программа истифода мебарем. Дар натиҷа дар экрани компютер равзанаи дар расми 8 овардашуда пайдо мегардад.




Дар тарафи чапи қисми болоии равзана рӯйхати ҳуруфҳои ба қайд гирифташуда ва дар тарафи рости он ченаки ҳуруфи интихобкардашуда нишон дода шудааст. Барои интихоб намудани ҳуруфи дигар кифоя аст, ки дар майдончаи **Шрифт** (Ҳуруф – Fonts) нишондиҳандаи мушро ба болои номи ҳуруфи зарурӣ гузорем ва тугмаи чапи онро пахш карда сар диҳем. Барои иваз намудани ченаки ҳуруф бошад, майдончаи **Размер** (Андоза – Size)



хизмат мерасонад. Шакли зоҳиршавии ҳуруфҳоро бо ёрии майдончаи **Начертание** (Шакли зоҳиршавӣ) муайян мекунанд, ки он дар қисми марказии равзана ҷойгир шудааст.




Пас аз интихоб намудани ҳуруфи лозимӣ, шакли зоҳиршавӣ ва ченаки он тугмаи [ ] -ро дар равзана пахш намудан лозим аст. Чунин тарзи корбарӣ бо ҳуруфҳо тарзи асосӣ, устувор ва беxатар аст.

Аз имкониятҳои равзанаи Шрифт (Ҳуруф – Fonts) истифода бурда, на танҳо ҳуруфҳоро интихоб, андозаашонро тағйир, шакли зоҳиршавиашонро дигар, балки дигар амалиётро – аз қабили интихоби ранги матн, интихоби фосилаи байни символҳои ҳуруф ва ғайраро низ иҷро намудан мумкин аст. Аксарияти ин амалиётро бо ёрии элементҳои идоракунии Панели асбобҳои қолиббандӣ (Форматирование - Formatting) зудтар ва осонтар иҷро намудан мумкин аст. Масалан, барои ивазкунии ҳуруф майдончаи рӯйхати ҳуруфҳо, барои тағйир додани андозаи ҳуруфҳо майдончаи рӯйхати андозаҳо, барои ивазкунии намуди зоҳирии ҳуруфҳо тугмаҳои [Ж] - (Жирный – Ғафс – Bold), [К] - (Курсив – Моил – Italic), [Ч] - (Подчеркнутый – Дар зераш хаткашидашуда – Underline) ва ғайра хизмат мерасонанд.




Барои ба ҳарфҳои калон табдил додани ҳарфҳои хурди сарлавҳаҳо аз командаи зерин истифода мебаранд: **Формат▸Регистр** (Format▸Chang Case). Дар натиҷа дар экран равзаначаи **Регистр** пайдо мешавад, ки бо ёрии он мо метавонем мақсади гузошташуда ва баъзе амалиёти дигарро амалӣ гардонем.

*Қолиббандии абзатсҳо.* Қолиббандии абзатсҳо аз амалиёти муайянкунии фосилаи байни сатрҳои онҳо ва байни абзатсҳои гуногун, муайянкунии фосилаи абзатсҳо нисбат ба канорҳои вараҷи коғаз, муайянкунии фосилаи сатри якуми

абзатс нисбат ба канори чапи матн, интихобкунии тарзҳои росткунии матн дар саҳифаи чопӣ (аз чап, аз рост, дар марказ ва мунтазами паҳнкунии матн дар сатр) ва ғайра иборат аст. Баъзе аз ин амалиётро бо ёрии элементҳои идоракунии Панели асбобҳои қолаббандӣ ва қисми дигарашонро бо ёрии равзанаҳои махсуси робитавӣ иҷро намудан мумкин аст.

Дар саҳифаи чопӣ матни ҳуҷҷатро бо ёрии тугмаҳои идоракунии Панели асбобҳои қолаббандӣ ба танзим овардан мумкин аст:

| | |
|---|---|
| | - росткунии матн аз тарафи чапи саҳифа (По левому краю – Align Left) |
| | - росткунии матн дар маркази саҳифа (По центру – Center) |
| | - росткунии матн аз тарафи рости саҳифа (По правому краю – Align Right) |
| | - мунтазам (баробар) паҳнкунии матн дар сатр (По ширине – Justified). |

Барои дар экран ё варақ беҳтар ҷойгир намудани матни ҳуҷҷат баъзе истифодабарандагони компютер аз усули гузоштани пробелҳои (ҷойҳои холӣ) иловагӣ истифода мебаранд. Бояд қайд намуд, ки ин усули кор чандон усули самаранок намебошад. Барои иҷрошавии ин мақсад асосан аз имкониятҳои гуногуни қолаббандиҳо истифода бурдан лозим аст. Масалан, тугмаи -**Фосила зиёд карда шавад** (Увеличить отступ – Increase Indent) барои зиёд намудани фосилаи сарҳади чапи матни абзатс ба тарафи рост ва тугмаи - **Фосила кам карда шавад** (Уменшить отступ – Decrease Indent) баръакс, барои кам намудани фосилаи сарҳади чапи матни абзатс хизмат мерасонанд.

***Муайянкунии характеристикаҳои абзатс.*** Барои зиёду кам намудани фосилаи байни абзатсҳо ва сатрҳои онҳо на аз усули партофтани сатрҳои холӣ, бо усули пахшкунии тугмаи Enter, балки аз имкониятҳои равзанаи махсуси робитавии **Абзац** (Абзатс – Paragraph) истифода бурдан лозим

аст: **Формат▸Абзац** (Қолиб▸Абзатс – Format▸Paragraph). Пас аз дохил намудани ин команда дар экран равзанаи дар расми 9 овардашуда пайдо мегардад.

Дар дохили майдончаи **Первая строка** (Сатри якум – First line)-и равзана калимаи **нет** (не - not) навишта шудааст. Ин информатсия гувоҳи он аст, ки ҳоло сатри якуми абзатс фосила надорад. Барои муайянкунии фосилаи сатри якуми абзатс тирчаеро, ки дар тарафи рости майдонча ҷойгир шудааст, пахш менамоем. Дар натиҷа рӯйхате пайдо мегардад, ки дар он ба ғайр аз калимаи **нет** боз калимаҳои **Отступ** (Фосила ба пеш) ва **Выступ** (Фосила ба қафо) мавҷуданд. Нишондиҳандаи мушро ба калимаи **Отступ** гузошта тугмаи чапи онро пахш менамоем. Дар майдонча низ калимаи Отступ пайдо мегардад ва дар майдончаи дигаре, ки аз тарафи рости ин майдонча ҷойгир аст (**на** – ба), адади *1,25 см* навишта мешавад. Ин адад фосиларо аз сарҳади чапи абзатс то ибтидои сатри якуми он нишон медиҳад. Ин ададро бо ёрии тирчаҳои дар тарафи рости майдончабуда каму зиёд намудан мумкин аст. Айнан ҳамин тавр, ҳангоми истифодабарии калимаи **Выступ** сатри якуми абзатс нисбат ба сатрҳои боқимондаи он ба тарафи чап ба миқдори *1,25 см* мелағжад.

Дар расми 9 ҳамчунин майдончаи дигаре дида мешавад, ки дар қисми болоии он калимаи **Междустрочный** (Байни сатрӣ – Line Spacing) ва дар дохили он калимаи **Одинарный** (1 фосила – 1 Lines) навишта шудааст. Ин информатсия гувоҳи он аст, ки ҳоло фосилаи байни сатрҳои абзатс ба *1 фосила=6 пункт≈2.1 мм* баробар аст. Барои иваз намудани фосилаи байни сатрҳои абзатс тирчаи дар тарафи рости майдонча ҷойгирбударо пахш менамоем. Дар натиҷа рӯйхате пайдо мегардад, ки дар он ба ғайр аз калимаи **Одинарный** боз калимаҳои **Полуторный** (1,5 фосила – 1,5 Lines), **Двойной** (2 фосила – 2 Lines) ва ғайра оварда шудаанд. Мувофиқи табъи истифодабаранда ва талаботҳои чопи ҳуҷҷат яке аз ин калимаҳоро интихоб намудан мумкин аст.




**Расми 9. Равзанаи муайянкунии характеристикаҳои абзатс**

Барои тағйир додани фосилаи байни абзатсҳо аз майдончаи **Интервал** (Фосила – Spacing) истифода мебаранд. Агар фосиларо пеш аз абзатс тағйир додан лозим бошад, он гоҳ ба адади майдончаи **Перед** (Пеш – Before) ва агар онро пас аз абзатс дигар кардан зарур бошад, он гоҳ ба адади майдончаи **После** (Баъд – After) тағйирот дохил мекунанд. Ин ададҳо бо пунктҳо чен карда мешаванд.

Баъзе амалиёти қолаббандии матнро бо ёрии хаткашҳои идоракунии горизонталӣ ва вертикалии программа ва инчунин муш иҷро кардан қулайтар аст. Масалан, аз имкониятҳои ин хаткашҳо истифода бурда қиммати ҳошияҳои чап ва рости матн, сатри якуми абзатс, мавқеҳои табулятсияи абзатс, ҳошияҳои болоӣ ва поёнии матн нисбат ба канорҳои варақ, фосилаи байни сатрҳо ва ғайраро тағйир додан мумкин аст.

**Саволҳо:**

1. Амалиётҳои асосии қолаббандии матн кадомҳоянд?
2. Чаро матни ҳуҷҷатҳоро қолаббандӣ мекунанд?

3. Равзанаи робитавии **Шрифт** барои чӣ хизмат мерасонад?
4. Функсияи равзанаи робитавии **Регистр** аз чӣ иборат аст?
5. Ба қолаббандии символҳои алоҳида, калимаҳо ва фрагментҳо кадом амалиёт дохил мешавад? Ба қолаббандии абзатсҳо чӣ?
6. Бо ёрии равзанаи робитавии **Абзац** кадом амалиётро бо абзатсҳои матни ҳуҷҷат гузаронидан мумкин аст?
7. Ҳангоми қолаббандии абзатсҳо аз кадом тугмаҳои Панели асбобҳои қолаббандӣ истифода мебаранд?

**Супориш:**

1. Матни мавзӯъро бодиққат хонед ва командаҳои асосии қолаббандиро ба хотир гиред.
2. Аз имкониятҳои қолаббандии Word истифода бурда, матни файли **Зафар Нозим**-ро ба намуди зерин биёред ва онро бо номи нави **Зафар Нозим-1** сабт намоед:

## ҲУНАРМАНДИ МУМТОЗ ВА МУТРИБИ ХУШОВОЗ

Мусиқӣ ва шеър бо ҳамдигар сахт алоқамананд. Бо шунидани онҳо кас мутаассир ва рӯҳаш болида мегардад. Шоирони бузурги форсу тоҷик Рӯдакӣ, Хусрав, Ҷомӣ, Ҳилолӣ, Саъдӣ, Ҳофиз ва ғайра ин жанрҳои бадеиро дар тарбия намудани инсон хеле моҳирона истифода бурдаанд.

***Ҳоло мо суруди асилро мешунавем, он гуна суруде, ки сухан бо мусиқӣ чун ду дарё бо ҳамдигар омезиш ёфтаанд.***

**Боз омадам ба кӯйи ту, эй каъбаи умед,**
**Эй модара, ки соҳати ҷонам сарои туст.**
**Боз омадам, ки бӯса занам бар мазори ту,**
**Эй қиблае, ки ҷону дили ман фидои туст ....**

*Суруди аз замири қалби санъаткор беруномада, агар мазмуни баланду оҳанги хуш дошта бошад, он зоҳ он ҳамеша ба дили шунаванда роҳ меёбад. Мутриби хушовоз, ҳофизи мумтоз, Ҳунарманди мардумии Тоҷикистон устод Зафар Нозим сарояндаи маҳз ҳамин гуна сурудҳост.*

**Зафар Нозим ҳофизи пухтакор буда, услуби хоси сарояндагӣ ва мактаби мусиқии худро дорад. Ӯ сурудҳояшро хеле самимию дилчасп месарояд. Дар интихоби шеър ва эҷоди оҳанги равону дилнишин маҳорати бемисл дорад. Матни аксари сурудҳои устод Зафар Нозим аз эҷодиёти шоирон – Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Бедил, Ҳилолӣ, Хайём, С. Айнӣ, М. Турсунзода, Б. Раҳимзода, Б. Собир ва шеъру таронаҳои халқӣ интихоб шудаанд.**

ШУНИДАНИ СУРУДҲОИ «ЭЙ СОРБОН», «БИГЗОР ТО БИГИРЯМ», «МУЯССАР ШУДА БОШАД», «МОДАР», «ОФТОБ», «УҚОБИ КӮҲӢ», «ТАБАССУМ ДАР ЛАБАТ», «АДАБГОҲИ МУҲАББАТ», «ҶОНО БА НОЗ МЕРАФТ» ВА ҒАЙРА КАСРО БА ДУНЁИ ХАЁЛОТ ВА АНДЕШАҲОИ ФАЛСАФАИ ЗИНДАГӢ МЕБАРАНД.

**ЭЙ СОРБОН, ОҲИСТА РОН, К-ОРОМИ ҶОНАМ МЕРАВАД,**
**ОН ДИЛ КИ БО ХУД ДОШТАМ, БО ДИЛСИТОНАМ МЕРАВАД.**

## 12. ТАРЗҲОИ МУАЙЯНКУНИИ ПАРАМЕТРҲОИ САҲИФАИ ЧОПӢ

Бо характеристикаҳои асосии саҳифаи чопӣ мо дар мавзӯҳои аввала шинос шуда будем. Ҳоло бо тарзҳои муайянкунии параметрҳои саҳифаи чопӣ шинос хоҳем шуд. Хоҳем, ки матни ҳуҷҷати тайёрнамудаамон дар шакли дилчасп дар вараҷи қоғаз чоп шавад, бояд мо параметрҳои муносиби саҳифаи чопиро муайян намоем. Ба параметрҳои асосии саҳифаи чопӣ қолаби варақ (формат) ва ҳошияҳои матн нисбат ба канорҳои варақ дохил мешаванд. Ин параметрҳоро ба воситаи командаҳо чунин муайян кардан мумкин аст: **Файл▸Параметры страницы** (Файл▸Параметрҳои саҳифа – File▸ Page Setup).

Дар экран равзанаи робитавие (Расми 10) пайдо мегардад, ки онро равзанаи муайянкунии параметрҳои саҳифаи чопӣ мегӯянд. Аз расм дида мешавад, ки дар сатри сарлавҳаи равзана **Параметры страницы** навишта шудааст. Дар поёни сатри сарлавҳа бошад, тугмаҳои қабатии **Поля**




**Расми 10. Равзанаи муайянкунии параметрҳои саҳифаи чопӣ**

(Ҳошияҳо – Margins), **Размер бумаги** (Андозаи коғаз – Paper size), **Источник бумаги** (Манбаи коғаз) ва **Макет** (Намуна – Maket) ҷойгир шудаанд. Тугмаи қабатии **Поля**-ро пахш карда, мо метавонем ҳошияҳои болой, поёнӣ, чап ва рости саҳифаи чопиро муайян созем. Пас аз пахш намудани ин тугма дар қисми чапи равзана ба ғайр аз дигар майдончаҳо боз чор майдончаи хурди дигаре пайдо мегарданд, ки дар тарафи чапи онҳо мувофиқан калимаҳои **Верхнее** (Болоӣ – Top), **Нижнее** (Поёнӣ – Bottom), **Левое** (Чап – Left) ва **Правое** (Рост – Right) навишта шудаанд. Сарраввал дар ҳамаи ин майдончаҳо адади 2,54 нишон дода мешавад, ки он як дюймро ташкил менамояд.

Маълумотҳои дохили майдончаҳоро мувофиқи хоҳиши худ бо ду тарз тағйир додан мумкин аст:

*а) бо ёрии тирчаҳои* *-и дар қисми рости майдончаҳо ҷойгирбуда.* Дар мавриди ба тирчаи болой гузоштани нишондиҳандаи муш ва пахш намудани тугмаи чапи он, адади дар дохили майдончабуда зиёд мешавад. Агар нишондиҳандаи муш ба тирчаи поёнӣ гузошта шуда тугмаи чапи он пахш карда шавад, он гоҳ адади дар дохили майдончабуда кам карда мешавад.

*б) дохил намуданиададҳо бо ёрии клавиатура.* Барои тағйир додани қимати ҳошияҳо ба воситаи нишондиҳандаи муш ба майдончаҳо таъсир мерасонанд ва баъд ба воситаи клавиатура ададҳои заруриро дохил мекунанд.

Пас аз муайян намудани ҳошияҳои саҳифаи чопӣ, бо мақсади аниқ намудани андозаи варақи коғаз, тугмаи қабатии **Размер бумаги** (Андозаи коғаз – Page size)-ро пахш менамоем. Равзана шакли дар расми 11 овардашударо мегирад.

Дар майдончаҳои дохилии ин равзана маълумотҳои **Размер бумаги** (Андозаи коғаз – Page size) - А4, **Ширина** (Бар -Width) - *21 см* ва **Высота** (Баландӣ – Height) - *29,7 см* сабт ёфтаанд. Ин маълумотҳо нишон медиҳанд, ки ҳоло андозаи коғази чопӣ формати намуди А4-ро дорад, яъне он ба

*297x210 мм* баробар аст. Дар назар бояд дошт, ки формати A4 ба коғази тамоюлоти китобидошта тааллуқ дорад. Дар ин маврид бояд дар дохили даврачаи **Книжная** (Китобӣ – Portrait)-и майдончаи **Ориентация** (Тамоюл – Orientation) аломати нуқта ҷойгир шуда бошад. Барои иваз намудани формати коғаз аз тирчаҳои тарафи рости майдончаҳо истифода бурдан лозим аст. Намунаи ҳамаи тағйиротҳои бо саҳифаи чопӣ рӯйдиҳанда пешакӣ дар майдончаи **Образец** (Намуна – Preview) нишон дода мешавад.

Агар параметрҳои муайянкардашударо ба тамоми матни ҳуҷҷат тадбиқ кардан лозим бошад, он гоҳ бояд дар рӯйхати майдончаи **Применить** (Тадбиқ кардан – Apply To) сатри **Ко всему документу** (Ба ҳамаи ҳуҷҷат – Whole Dokyment)-ро фаъол бояд кард. Дар акси ҳол, аз сатрҳои **До конца документа** (То охири ҳуҷҷат) ё **К выделенному тексту** (Ба матни ҷудокардашуда)-и майдонча истифода бурдан лозим аст.

Пас аз аниқ намудани ҳошияҳои саҳифаи чопӣ ва андозаи коғаз тугмаи Ok-ро пахш намудан зарур аст. Бо ҳамин




Расми 11. Муайянкунии андозаи вараќи коғаз

раванди муайянкунии параметрҳои саҳифаи чопӣ ба охир мерасад.

### Саволҳо:

1. Параметрҳои асосии саҳифаи чопӣ кадомҳоянд?
2. Параметрҳои саҳифаи чопиро бо ёрии кадом команда тағйир медиҳанд?
3. Кадом тугмаҳои қабатии равзанаи робитавии **Параметры страницы**-ро медонед?
4. Тугмаи қабатии **Поля** барои муайянкунии кадом параметрҳои саҳифаи чопӣ хизмат мерасонад?
5. Дар кадом мавридҳо аз тугмаи қабатии **Размер бумаги** истифода мебаранд?
6. Чӣ тавр матни ҳуҷҷатро дар шакли саҳифаи албомӣ (Альбомная) ба чоп баровардан мумкин аст?

### Супориш:

1. Матни мавзӯро бодиққат хонед ва элементҳои равзанаи **Параметры страницы**-ро ба хотир гиред.
2. Файли **Компютер**-ро кушоед ва аз тугмаҳои қабатии равзанаи **Параметры страницы** истифода бурда, параметрҳои саҳифаҳои чопии онро чунин тағйир диҳед:

- ҳошияи чап – 3,7 см;
- ҳошияи рост – 2,5 см;
- ҳошияи болоӣ – 3,0 см;
- ҳошияи поёнӣ – 1,8 см;
- андозаи коғаз – А4 (21x29,7);
- тамоюли чопкунӣ – китобӣ.

3. Параметрҳои муайянкардашудаи саҳифаҳои чопии файлро ба тамоюли албомӣ татбиқ намоед.
4. Матни файлро бо номи нави **Компютер-1** дар диск сабт намоед.
5. Параметрҳои саҳифаи чопии равзанаро аз нав тағйир диҳед ва файли ҳуҷҷатро бо тамоюли чопкунии китобӣ (Книжная) бо номи нави **Компютер-2** дар диск сабт намоед.
6. Корро бо файлҳои **Компютер**, **Компютер-1** ва **Компютер-2** ба охир расонида, равзанаи Word-ро пӯшед.

## 13. ТАРЗҲОИ ТАҒЙИРДИҲИИ ҲУДУДҲОИ МАТН ВА УСУЛҲОИ ОРОИШДИҲИИ АБЗАТСҲО

Дар аксарият мавридҳо чорчӯбаҳои атрофи фрагментҳои матни ҳуҷҷат, хатҳои зери сатрҳои матни он, ороиши рангаи заминаи матн ва ғайра ба ҳуҷҷат намуди зоҳирии дилчасп ва ҳатто баъзан пурдабдаба медиҳанд. Ҳамаи ин амалиётҳо дар Word хеле осон иҷро карда мешаванд. Барои ин кифоя аст, ки абзатс ё фрагменти зарурии он ҷудо карда шуда, командаи **Формат▸Границы и заливка...** (Қолиб▸Ҳудудҳо ва рангубордиҳӣ... – Format▸Borders and Shading...) дохил карда шавад. Дар натиҷа дар экран равзанаи робитавии **Границы и заливка** (расми 12) кушода мешавад.

Равзанаи **Границы и заливка** (Ҳудудҳо ва рангубордиҳӣ –Borders and Shading) аз се тугмаи қабатӣ – **Граница** (Ҳудуд – Border), **Страница** (Саҳифа – Page), **Заливка** (Рангубордиҳӣ – Shading) ва якчанд майдончаҳою тугмаҳои командавӣ иборат аст. Ҳар як элементи равзана функсияи муайяни худро дорад.




Расми 12. Равзанаи робитавии Ҳудудҳо ва рангубордиҳии абзатс

Ҳангоми пахш намудани тугмаи қабатии **Граница** (Ҳудуд – Border) равзанаи **Границы и заливка** шаклеро мегирад, ки он дар расми 12 оварда шудааст. Дар ин мавриид элементҳои равзана имконият медиҳанд, ки маҳз ҳудудҳои абзатсҳои ҷудокардашудаи матн ороиш дода шаванд. Элементҳои майдончаи **Тип** (Намуди ҳудуд – Border) барои интихоб намудани шакли чорчӯбаҳои (рамка) атрофи абзатсҳо хизмат мерасонанд. Намуд, ранг ва ғафсии чорчӯбаҳо бо ёрии элементҳои майдончаи дигар, ки номи он ҳам **Тип** (Намуди хат – Style) мебошад, муайян карда мешавад. Раванди амалиёти иҷрошаванда ба таври автоматӣ дар майдончаи **Образец** (Намуна – Preview) нишон дода мешавад. Агар намунаи ҳудудҳои интихобкардашуда қобили қабули истифодабаранда гардад, он гоҳ ӯ метавонад тугмаи командавии равзана - Ok -ро пахш намояд.

Ҳангоми пахш намудани тугмаи қабатии **Страница** (Саҳифа – Page) бошад, равзанаи **Границы и заливка** шакли дар расми 13 овардашударо мегирад. Бояд қайд намуд, ки элементҳои равзанаи мазкур барои ороишдиҳии ҳудудҳои саҳифаҳои яклухти ҳуҷҷат пешбинӣ карда шудаанд. Тавре ки аз расм дида мешавад, шакли равзана дар ин мавриид аз шакли пешинаи он (Расми 12) танҳо бо майдончаи иловагии **Рисунок** (Расм) фарқ мекунад. Ин майдонча имконият медиҳад, ки ҳудудҳои саҳифаҳои матн бо ёрии расмҳои гуногун ороиш дода шаванд.



**Расми 13. Равзанаи робитавии Ҳудудҳо ва рангубордиҳии саҳифа**




**Расми 14. Равзанаи робитавии Нақшу нигоргузорӣ**

Ҳангоми пахш намудани тугмаи қабатии **Заливка** (Рангубордиҳӣ – Shading) равзанаи **Границы и заливка** шакли дар расми 14 овардашударо мегирад. Элементҳои майдончаи **Заливка**-и равзана имконият медиҳанд, ки бо ёрии рангҳои гуногун заминаҳои абзатсҳо ва саҳифаҳои алоҳидаи ҳуҷҷат ороиш дода шаванд. Ба воситаи майдончаи **Узор** (Нақшу нигор – Fill) ранги заминаҳои интихобкардашуда бо ёрии нақшу нигорҳои дилчасп зинат дода мешаванд.

**Саволҳо:**

1. Кадом равзанаи робитавӣ барои ороишдиҳии матни ҳуҷҷат хизмат мерасонад? Ин равзанаро бо ёрии кадом команда кушодан мумкин аст?
2. Равзанаи **Границы и заливка** аз кадом тугмаҳои қабатӣ иборат аст?
3. Функсияҳои тугмаи қабатии **Граница**-и равзанаи **Границы и заливка** аз чӣ иборат аст?
4. Фарқи имкониятҳои тугмаҳои қабатии **Граница** ва **Страница**-и равзанаи **Границы и заливка** дар чист?
5. Тугмаи қабатии **Заливка** барои иҷрои кадом амалиёт пешбинӣ карда шудааст?

**Супориш:**

1. Матни мавзӯъро бодиққат хонед ва имкониятҳои тугмаҳои қабатии равзанаи робитавии **Границы и заливка**-ро омӯзед.
2. Аз имкониятҳои равзанаи **Границы и заливка** истифода бурда, матни файли **Зафар Нозим-1**-ро ба намуди зерин биёред ва онро бо номи нави **Зафар Нозим-2** сабт намоед:

## ҲУНАРМАНДИ МУМТОЗ ВА МУТРИБИ ХУШОВОЗ

Мусиқӣ ва шеър бо ҳамдигар сахт алоқаманданд. Бо шунидани онҳо кас мутаассир ва рӯҳаш болида мегардад. Шоирони бузурги форсу тоҷик Рӯдакӣ, Хусрав, Ҷомӣ, Ҳилолӣ, Саъдӣ, Ҳофиз ва ғайра ин жанрҳои бадеиро дар тарбия намудани инсон хеле моҳирона истифода бурдаанд.

***Ҳоло мо суруди асилро мешунавем, он гуна суруде, ки сухан бо мусиқӣ чун ду дарё бо ҳамдигар омезиш ёфтаанд.***

Бов омадам ба кӯйи ту, эй каъбаи умед,
Эй модаре, ки соҳати ҷонам сарои туст.
Бов омадам, ки бӯса занам бар мазори ту,
Эй қиблае, ки ҷону дили ман фидои туст ...

*Суруди аз замири қалби санъаткор беруномада, агар мазмуни баланду оҳанги хуш дошта бошад, он гоҳ он ҳамеша ба дили шунаванда роҳ меёбад. Мутриби хушовоз, ҳофизи мумтоз, Ҳунарманди мардумии Тоҷикистон устод Зафар Нозим сарояндаи маҳз ҳамин гуна сурудҳост.*

**Зафар Нозим ҳофизи пухтакор буда, услуби хоси сарояндагӣ ва мактаби мусиқии худро дорад. Ӯ сурудҳояшро хеле самимию дилчасп месарояд. Дар интихоби шеър ва эҷоди оҳанги равону дилнишин маҳорати бемисл дорад. Матни аксари сурудҳои устод Зафар Нозим аз эҷодиёти шоирон – Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Бедил, Ҳилолӣ, Хайём, С. Айнӣ, М. Турсунзода, Б. Раҳимзода, Б. Собир ва шеъру таронаҳои халқӣ интихоб шудаанд.**

ШУНИДАНИ СУРУДҲОИ «ЭЙ СОРБОН», «БИГЗОР ТО БИГИРЯМ», «МУЯССАР ШУДА БОШАД», «МОДАР», «ОФТОБ», «УҚОБИ КӮҲӢ», «ТАБАССУМ ДАР ЛАБАТ», «АДАБГОҲИ МУҲАББАТ», «ҶОНО БА НОЗ МЕРАФТ» ВА ҒАЙРА КАСРО БА ДУНЁИ ХАЁЛОТ ВА АНДЕШАҲОИ ФАЛСАФАИ ЗИНДАГӢ МЕБАРАНД.

ЭЙ СОРБОН, ОҲИСТА РОН, К-ОРОМИ ҶОНАМ МЕРАВАД,
ОН ДИЛ КИ БО ХУД ДОШТАМ, БО ДИЛСИТОНАМ МЕРАВАД.

## 14. Колонтитулҳо

Баъзан лозим меояд, ки дар ҳошияҳои болой ё поёнии саҳифаҳои чопии ҳуҷҷат ба ғайр аз рақами саҳифаҳо боз информатсияи иловагӣ - ба мисли таърихи рӯз, вақти ҷорӣ, номи ҳуҷҷат ё бобҳою параграфҳои он ва ғайра гузошта шаванд. *Маълумотҳое, ки дар ҳошияҳои болой ё поёнии саҳифаҳои ҳуҷҷат ба таври автоматӣ ҷой дода мешаванд, **колонтитулҳои болой ё поёнии саҳифаҳо** ном доранд.* Колонтитули болой дар ҳошияи болоии саҳифа ва колонтитули поёнӣ дар ҳошияи поёнии саҳифа ҷойгир карда мешавад.

Барои ба матн ҳамроҳ намудани колонтитул аз командаи менюи программа **Вид▸Колонтитулы** (Намуд▸Колон-титулҳо – View▸Header and foter) истифода мебаранд. Пас аз иҷрои ин команда дар дохили равзанаи ҳуҷҷати бо ёрии програмаи Word сохташаванда панели зерини **Колонтитулы** пайдо мешавад:




**Тугмаҳои ин панел имконият медиҳанд, ки дар колонтитул ба таври автоматӣ рақами саҳифаҳо, таърихи рӯз, вақти ҷорӣ, матнҳои шаклашон стандартӣ ва ғайристандартӣ ҷойгир карда шаванд:**

| | |
|---|---|
| | - ба матни ҳуҷҷат ҳамроҳ намудани калимаву ибораҳои стандартӣ |
| | - рақамгузории саҳифаҳо |
| | - ҳамроҳкунии миқдори умумии саҳифаҳои файли ҳуҷҷат |
| | - интихобкунии услуби рақамгузории саҳифаҳо |
| | - ҳамроҳкунии таърихи рӯз |
| | - ҳамроҳкунии вақти ҷорӣ |
| | - кушодани равзанаи робитавии Параметрҳои саҳифа |
| | - инъикос ва ноаён гардонидани матни асосии ҳуҷҷат дар экран |

| | |
|---|---|
| | - якхелакунии параметрҳои колонтитулҳои қисмҳои (бобҳои) гуногуни ҳуҷҷат |
| | - гузариш аз колонтитули болоӣ ба поёнӣ ва баръакс |
| | - гузариш ба колонтитули пешина |
| | - гузариш ба колонтитули оянда |
| Закрыть | - пӯшидани панели Колонтитулҳо. |

Аз расми 15 дида мешавад, ки пас аз амалӣ гаштани командаи **Вид▶Колонтитулы** дар ҳошияи болоии саҳифаи ҳуҷҷат росткунҷае пайдо гардидаст. Маҳз дар дохили ҳамин росткунҷа маълумоти колонтитули болоӣ ҷойгир карда мешавад. Маълумот бо ёрии клавиатура ва тугмаҳои панели **Колонтитулы**, ки дар майдони кории равзанаи программаи Word пайдо шудааст, дохил карда мешавад.
Ҳамин тариқ, барои дар колонтитул гузоштани ин ё он информатсия зарур аст, ки бо ёрии нишондиҳандаи муш дар панели Колонтитулҳо тугмаи лозимӣ пахш карда шавад ё




**Расми 15. Ба матни ҳуҷҷат ҳамроҳ намудани колонтитул**

матни он ба воситаи тугмаҳои клавиатура дохил карда шавад. Пас аз иҷрои ҳамаи амалиёти лозимии коркарди

колонтитул тугмаи **Закрыть** (Пӯшидан – Close)-ро дар панел пахш намудан зарур аст. Бо ҳамин раванди ба матн ҳамроҳ намудани колонтитул ба итмом мерасад ва панели **Колонтитулы** аз дохили равзанаи Word бардошта мешавад.

Барои рақамгузорӣ кардани саҳифаҳои матни ҳуҷҷат аз командаи зерини менюи программаи Word: **Вставка▸Номера страниц...** (Гузоштан▸Рақами саҳифаҳо... – Insert▸Page numbers...) низ истифода бурдан мумкин аст. Пас аз дохилкунии ин команда дар экран равзанаи робитавии дар расми 16 овардашуда пайдо мегардад.




**Расми 16. Равзанаи рақамгузории саҳифаҳои ҳуҷҷат**

Майдончаи **Положение** (Мавқеъ)-и равзанаи **Номера страниц** (Рақами саҳифаҳо - Page numbers) барои мавқеи рақами саҳифаҳоро дар вараки саҳифаи чопӣ нишон додан хизмат мерасонад. Ба тирчаи ▼-и дар тарафи рости майдонча ҷойгирбуда ба воситаи муш таъсир расонида, яке аз ду мавқеи имконпазир: **Внизу страницы** (Дар поёни саҳифа) ё **Вверху страницы** (Дар болои саҳифа)-ро интихоб намудан мумкин аст.

Майдончаи **Выравнивание** (Росткунӣ – Alingnment)-и равзана бошад барои дар боло ё поёни саҳифа нишон додани мавқеи аниқи ҷойгиршавии рақами саҳифа хизмат мерасонад. Тирчаи ▼-и майдончаро пахш намуда, яке аз мавқеъҳои имконпазир: **Справа** (Аз рост - Right), **От центра** (Аз марказ – Center), **Слева** (Аз чап - Left), **Внутри**

(Дар дохил – Inside) ва **Снаружи** (Аз берун – Outside)-ро интихоб намудан мумкин аст.

Дар майдончаи квадратии **Номер на первой странице** (Нишондиҳии рақам дар саҳифаи якум – Show number on first page) мавҷуд будани аломати √ (байрақча) маънои онро дорад, ки ба саҳифаи якуми матни ҳуҷҷат низ рақам гузошта мешавад. Агар ба саҳифаи якуми ҳуҷҷат зарурати гузоштани рақам вуҷуд надошта бошад, он гоҳ нишондиҳандаи мушро ба болои аломати √ гузошта, тугмаи чапи онро пахш намудан лозим аст. Дар ин маврид аломати √ нопадид мегардад ва рақами саҳифаи якум нишон дода намешавад.

Амалиёти бо ёрии ин равзана иҷрошаванда дар майдончаи **Образец** (Намуна – Preview) ба таври автоматӣ инъикос меёбад. Агар намунаи рақамгузории интихобкардашуда қобили қабули истифодабаранда бошад, он гоҳ ӯ метавонад тугмаи командавии равзана - Ok -ро пахш намояд. Дар натиҷа ба саҳифаҳои матни ҳуҷҷат рақамҳои тартибӣ гузошта мешаванд.

**Саволҳо:**

1. Колонтитул чист?
2. Кадом команда барои ба матн ҳамроҳ намудани колонтитулҳо хизмат мерасонад?
3. Оё колонтитули болоии саҳифа аз колонтитули поёнии он ягон фарқе дорад?
4. Равзанаи робитавии **Номера страниц**-ро бо ёрии кадом команда кушодан мумкин аст?

**Супориш:**

1. Матни мавзӯъро бодиққат хонед ва таъиноти тугмаҳои панели **Колонтитулы**-ро номбар намоед.
2. Файли **Компютер**-ро кушоед ва дар саҳифаи матни он колонтитулҳои болоӣ ва поёнӣ созед.

## 15. ТАРЗҲОИ БА МАТН ҲАМРОҲ НАМУДАНИ ОБЪЕКТҲОИ БО ЁРИИ ДИГАР ПРОГРАММАҲО СОХТАШУДА

***Ба матн ҳамроҳкунии расмҳо.*** Программаи Word шароит фароҳам меорад, ки ба матни ҳуҷҷат расмҳои ба воситаи дигар программаҳо пешакӣ тайёр кардашуда ҳамроҳ карда шаванд. Ба ин гуна расмҳо расмҳои стандартии дастаи программаҳои MS Office ва расмҳои бо ёрии программаҳои Paint, CorelDraw ва ғайра сохташуда дохил мешаванд. Барои амалӣ гардонидани ин мақсад аз командаи зерини менюи программаи Word истифода бурдан лозим аст: **Вставка▸Рисунок▸Картинки...**(Гузоштан▸Расм▸Расм-ҳо... – Insert▸Picture▸Pictures...). Пас аз дохилкунии ин команда дар экран силсилаи категорияҳои расмҳое намудор мегарданд, ки онҳо ба дастаи программаҳои MS Office мансубанд (Расми 17).

Барои ба матни ҳуҷҷати Word ҳамроҳ намудани расми мувофиқ аввал мавқеи гузоштани расмро дар матн муайян намудан лозим аст. Баъд аз равзанаи робитавии **Вставка картинки** (Расмгузорӣ) категорияи ба мавзӯъ



Расми 17. Равзанаи интихобкунии расмҳо

тааллукдоштаро фаъол гардонида, аз байни расмҳои пайдогардида расми заруриро ҷудо намудан лозим аст. Пас аз интихобкунии расм тугмаи рости мушро пахш намуда, аз командаи **Вставить клип** (Клип гузошта шавад – Insert clip) истифода бурдан кифоя аст.

*Ба матн ҳамроҳкунии объектҳои OLE.* Программаи Word ҳамчунин имконият медиҳад, ки ба матни ҳуҷҷат объектҳои махсус, ки онҳоро объектҳои OLE меноманд, ҳамроҳ карда шаванд. *Объектҳои OLE (Object Linking and Embedding – Механизми алоқамандкунӣ ва тадбиқи объектҳо) воситаеанд, ки имкониятҳои программаи MS Word-ро беандоза васеъ гардонида, программаҳои дигари дар муҳити Windows коркунандаро ҳамчун қисми таркибии Word ба он тобеъ мегардонанд.* Ҳар як объекти OLE ягон вазифаи муайянеро иҷро менамояд. Масалан, объекти **Microsoft Equation 3.0** имконият медиҳад, ки ба матни ҳуҷҷати Word формулаҳои математикӣ ҳамроҳ карда шаванд. Бо ёрии объекти **Диаграмма Microsoft Graph 2000** бошад, дар ҳуҷҷат графику диаграммаҳои шаклҳои гуногундошта сохта мешаванд. Объекти **Слайд Microsoft PowerPoint** барои ба ҳуҷҷати Word ҳамроҳ намудани слайдҳо ва объекти **Точечный рисунок** бошад, барои бо ёрии таҳриргари Paint сохтани расмҳо хизмат мерасонанд.

Барои гузоштани объекти OLE командаи зерини менюи программаи Word: **Вставка▸Объект…** (Гузоштан▸Объект… - Insert▸Objecet…) хизмат мерасонад. Пас аз иҷрои ин команда дар экран равзанаи робитавии дар расми 18 овардашуда пайдо мегардад. Дар ин равзана рӯйхати объектҳои ба матн ҳамроҳшаванда нишон дода мешаванд. Ҳангоми бо ёрии нишондиҳандаи муш интихоб намудани номи яке аз объектҳо ва пахш намудани тугмаи Ok-и равзана, бевосита дар дохили Word программае ба кор омода мегардад, ки бо ёрии он ин объект сохташуда ба матни ҳуҷҷат ҳамроҳ карда мешавад.

Таҳриркунии объектҳои OLE низ, ба мисли фрагменти дилхоҳи матни ҳуҷҷат, бевосита аз дохили программаи MS Word ба амал бароварда мешавад. Барои ин кифоя аст, ки




Расми 18. Равзанаи интихобкунии объекти OLE

ба маводи объекти OLE ба воситаи муш ду маротиба таъсир расонем. Дар натиҷа равзанаи программаи ба объект дахлдошта кушода мешавад, ки он барои гузарониданиислоҳоти зарурӣ имконият фароҳам меорад.

### Саволҳо:

1. Чӣ тавр расми бо ёрии дигар программаҳо тайёркардашударо ба матни ҳуҷҷати Word ҳамроҳ кардан мумкин аст?
2. Объекти OLE гуфта чиро мефаҳмед?
3. Чӣ тавр дар матни ҳуҷҷати Word аз объектҳои OLE истифода мебаранд?
4. Равзанаи робитавии **Вставка картинки**-ро чӣ хел истифода мебаранд? Равзанаи **Вставка объекта**-ро чӣ?

### Супориш:

1. Матни мавзӯъро бодиққат хонед ва таъиноти равзанаҳои робитавии **Вставка картинки** ва **Вставка объекта**-ро шарҳ диҳед.
2. Файли **Компютер**-ро кушоед ва ба матни он ягон расми мувофиқро ҳамроҳ намоед.
3. Аз имкониятҳои объекти **Microsoft Equation 3.0**-и равзанаи робитавии **Вставка объекта** истифода бурда, формулаҳои дар поён овардашударо бо ёрии муаллим созед ва онро бо номи **Формула** дар диск сабт намоед:

$$\sin x = -1, \quad x = -\frac{\pi}{2} + 2n\pi, \quad n \in Z \qquad \log_{a^m} b = \frac{1}{m}\log_a b \quad (a \neq 1, \quad m \neq 0, \quad a,b > 0)$$

$$\begin{cases} \frac{5x}{2} - \frac{3y}{2} = 1 \\ \frac{3x}{5} + \frac{2y}{5} = 1 \end{cases}$$

$$ax^2+bx+c=0, \quad D=b^2-4ac>0 \; x_1 = \frac{-b+\sqrt{D}}{2a}, \quad x_2 = \frac{-b-\sqrt{D}}{2a}$$

4. Бо ёрии объекти **Точечный рисунок** расми Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистонро кашед ва онро ба файли **Формула** ҳамроҳ намоед.

## 16. ТАРЗҲОИ БА МАТН ҲАМРОҲКУНИИ ФИГУРАҲОИ ГЕОМЕТРӢ

Программаи Word боз имконият медиҳад, ки ба матни ҳуҷҷат фигураҳои геометрии гуногун аз қабили хати рост, чоркунҷа, давра ва ғайра илова карда шаванд. Барои сохтани фигураҳо дар Word панели махсуси **Рисование** (Расмкашӣ - Drawing) пешбинӣ карда шудааст. Одатан ин панел дар қисми поёнии равзанаи Word ҷойгир карда мешавад ва намуди зеринро дорад:



Таъиноти тугмаҳои панели Расмкашӣ чунин аст:

| | |
|---|---|
| | – гузаронидани амалиёт бо фигураҳои кашидашуда |
| | – интихоби объект барои гузаронидани ягон амалиёт |
| | – чархзанонии фигура дар атрофи меҳвари худ |
| | – ба матн гузоштани фигураҳои шаклашон стандартӣ |
| | – кашидани хати рост |
| | – кашидани хати рости тирчадор |
| | – кашидани росткунҷа ва дигар фигураҳои чоркунҷашакл |
| | – кашидани эллипс ва дигар фигураҳои даврашакл |
| | – дар болои расм навиштани матн |
| | – ба матн ҳамроҳ намудани объекти WordArt |
| | – ба матн ҳамроҳ намудани расмҳои тайёр |
| | – иваз намудани ранги дохили фигура |
| | – иваз намудани ранги хатҳои сарҳадии фигура |

| | |
|---|---|
| | – иваз намудани ранги ҳуруф |
| | – интихоби дараҷаи ғафсии хатҳои сарҳадии фигура |
| | – иваз намудани шакли хати сарҳадии фигура |
| | – иваз намудани равиши тирча дар хати тирчадор |
| | – тағйир додани сояи фигура |
| | – ба фигура бахшидани шаклҳои фазоӣ (ҳаҷмӣ) |

Барои сохтани фигураҳои геометрӣ чунин пайдарпайии амалиётро риоя бояд кард:

– интихобкунии мавқеи фигура дар саҳифаи матни ҳуҷҷат
– интихобкунии тугмаи лозимӣ дар панели Расмкашӣ
– кашидани фигура бо ёрии муш.

Барои тағйир додани характеристикаҳои фигураи кашидашуда бояд ба он ба воситаи нишондиҳандаи муш таъсир кард. Дар натиҷа дар хатҳои ҳудудии соҳаи фигура нуқтаҳои идоракунии махсусе пайдо мегарданд, ки маҳз бо ёрии онҳо шакл ва андозаи фигураро тағйир додан мумкин аст. Дар ин маврид, ҳамчунин аз тугмаҳои дигари панели Расмкашӣ истифода бурда, ранги заминаи фигура ва хатҳои сарҳадии он, дараҷаи ғафсӣ ва шакли хатҳои сарҳадии он ва дигар параметрҳои фигураро иваз намудан мумкин аст.

Дар байни тугмаҳои панели Расмкашӣ тугмае мавҷуд аст, ки бо ёрии он ба матни ҳуҷҷат объекти ба воситаи программаи **WordArt** сохташударо илова ва таҳрир намудан мумкин аст. Ин тугма тугмаи ◢ аст. *WordArt – программаи махсусе мебошад, ки бо ёрии он матни начандон калон дар шаклҳои гуногуни бадеӣ навишта ва тасвир карда мешаванд.*

Ҳангоми пахш намудани тугмаи ◢ дар экран равзанаи **Коллекция WordArt** (Расми 19) кушода мешавад. Дар равзанаи программаи WordArt услубҳои гуногуни навишти матнҳо оварда шудаанд. Аз байни онҳо ягон услуби ба мақсад мувофиқро интихоб намуда тугмаи Ok -ро пахш намудан лозим аст. Дар натиҷа дар экран равзанаи дигар пайдо мегардад (Расми 20), ки он равзанаи дохилкунӣ ва тағйирдиҳии матни WordArt ном дорад. Дар майдони ко-

рии ин равзана ба ҷои матни стандартии **«Текст надписи»** матни заруриро дохил намуда, тугмаи Ok-ро пахш бояд кард. Матни дар равзана дохилкардашуда бо услуби интихобкардашуда ба матни умумии ҳуҷҷати MS Word ҳамроҳ карда мешавад.




Расми 19. Равзанаи интихобкунии услуби навишт бо ёрии программаи WordArt

Набояд фаромӯш кард, ки программаи WordArt барои дохилкунии матнҳои ҳаҷман начандон калон истифода бурда мешавад. Онро бештар ҳангоми ороишдиҳии сарлавҳаҳои ҳуҷҷатҳо дар шакли бадеӣ мавриди истифода қарор медиҳанд.

Ҳамчунин бояд қайд намуд, ки дар мавриди дар экран вуҷуд надоштани панели Расмкашӣ низ программаи WordArt-ро ба кор даровардан мумкин аст. Бо ин мақсад аз командаи зерини менюи программаи Word истифода бурдан қулай аст: **Вид▸Панели инструментов▸WordArt** (Намуд▸Панели асбобхо▸WordArt – View▸ToolBars▸WordArt).

Пас аз иҷрои ин команда дар экран панели WordArt пайдо мешавад:




Тугмаҳои ин панел имконият медиҳанд, ки равзанаи робитавии программаи WordArt ба экран чеғ зада шавад, дар матни мавҷудаи WordArt тағйирот дохил карда шавад, шакл ва тарзҳои ҷойгиршавии матни WordArt нисбат ба матни асосии ҳуҷҷат муайян карда шавад ва ғайра.




**Расми 20. Равзанаи дохилкунӣ ва тағйирдиҳии матн бо ёрии программаи WordArt**

**Саволҳо:**

1. Барои кашидани фигураҳои геометрӣ кадом панел пешбинӣ карда шудааст?
2. Мавқеи ҷойгиршавии панели **Рисование** дар экран дар куҷост?
3. Чӣ тавр фигураҳои геометриро ба матни ҳуҷҷати Word ҳамроҳ кардан мумкин аст?
4. Оё расмҳои ба воситаи тугмаҳои панели **Рисование** кашидашударо тағйир додан мумкин аст? Агар мумкин бошад, пас чӣ тавр?
5. WordArt чӣ гуна программа аст? Онро чӣ тавр ба кор даровардан мумкин аст?
6. Ҳангоми дар экран вуҷуд надоштани панели **Рисование** программаи WordArt-ро чӣ тавр истифода бурдан мумкин аст?

**Супориш:**

1. **Матни мавзӯъро бодиққат хонед ва таъиноти тугмаҳои панелҳои Рисование ва WordArt-ро шарҳ диҳед.**
2. **Аз имкониятҳои панели Рисование истифода бурда, вазифаи зеринро мустақилона иҷро намоед:**




## 17. ТАРЗҲОИ БА МАТН ҲАМРОҲКУНИИ ҶАДВАЛҲО

*Ҷадвалҳо.* Дар баъзе ҳуҷҷатҳо талаб карда мешавад, ки маълумотҳои ададӣ ва қисман ғайриададӣ дар шакли ҷадвалҳо (таблитсаҳо) оварда шаванд. *Ҷадвал гуфта тӯри аз сатру сутунҳо иборатбударо меноманд, ки дар буриши онҳо ячейкаҳо (катакҳо) ҳосил шудаанд.* Дар ячейкаҳои ҷадвал матнҳо, ададҳо, расмҳо ва дигар намуд информатсия нигоҳ дошта мешаванд.

Барои ба матни ҳуҷҷат ҳароҳ намудани ҷадвал аз командаи зерини менюи программаи Word истифода бурдан зарур аст: **Таблица▸Добавить** (**Ҷадвал▸Иловакунӣ** –